АБДУХОЛИҚИ НАБАВӢ: АДАБИЁТ, НАҚД ВА 80-СОЛАГӢ с. 11

НАҚШАИ ДАЪВАТ БА АРТИШ ПУРРА ИҶРО ШУД с. 2

ФУРӮШ ВА ҲАДЯИ СИЛОҲИ МУКОФОТӢ МАНЪ ШУД с. 3

ТОҶИКИСТОН

№ 46 (1710), 18.11.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!



ПУТИН БА ДУШАНБЕ МЕОЯД

Бо Эмомалӣ Раҳмон чиро баррасӣ мекунанд?



ДАР ИН ШУМОРА:

АМРИКО
Ба маъданҳои Тоҷикистон таваҷҷуҳ дорад
с.3

ТАКРОРИ ТАЪРИХ
Мулоқоти се қудрати ҷаҳон чӣ натиҷа медиҳад?
с.4

ИМТИЁЗИ ГУМРУКӢ
Дар Тоҷикистон сӯзишворӣ арзон мешавад?
с.5

ҶОМӢ ВА НАВОӢ
Хотирае, ки пас аз 47 сол бедор
с.8

АЗ ДУШАНБЕ ТО ХОРУҒ
51 майдони Парчами миллӣ
с.10

МУҲОҶИР
Аз 1 январ қоидаҳои нав
с.2

ВАРЗИШ
Тоҷикистон кай бо Куба, Хорватия ва Сенагел бозӣ мекунад?
с.15

КАНЗИ ШИФО
5 машқ барои рафъи миёндард
с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

НАҚШАИ ДАЪВАТ БА АРТИШ ПУРРА ИҶРО ШУД

Вазорати мудофиаи Тоҷикистон хабар дод, ки нақшаи ҷалби ҷавонон ба Артиши миллӣ рӯзи 15-уми ноябр, пеш аз муҳлат пурра иҷро шуд.

Ба иттилои вазорат, имсол нахустин шуда шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон, баъдан шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд нақшаи тирамоҳии ҷалби ҷавонон ба Артишро иҷро кардаанд.

Маъракаи тирамоҳии даъват ба хизмати ҳарбӣ ҳар сол аз 1 - уми октябр оғоз шуда, то охири моҳи ноябр идома меёбад. Ин мавсим ҷавононии аз 18 то 27 - сола ба Артиш ҷалб шуданд.

НАРХИ СИЁҲ КАРДАНИ ТИРЕЗАИ МОШИН БОЛО МЕРАВАД

Дар Тоҷикистон аз 1 январи соли 2027 арзиши иҷозатнома барои сиёҳ кардани шишаи мошин боло хоҳад рафт.

Ин тағйирот ба меъёри нави нишондиҳанда барои ҳисобҳо рабт дорад, ки соли оянда аз 78 сомонӣ ба 81 сомонӣ баробар мешавад.

Нархи иҷозатномаи сиёҳшиша дар баробари ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба соли истеҳсоли мошин ҳам вобаста аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин, аз 1 январи соли 2027 маблағи иҷозатнома барои сиёҳ кардани тирезаи воситаҳои нақлиёти барориашон то соли 2005 – 5265 ва барои воситаҳои нақлиёти соли бароришашон аз 2005 бештар аз 6800 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар солҳои ахир маблағи нишондод барои ҳисобҳо борҳо боло рафтааст. Ба гунаи мисол, дар соли 2026 як нишондиҳанда барои ҳисобҳо 78, дар соли 2025 -75 ва дар соли 2024 -72 сомониро ташкил медод.

Чунин тағйирот ба боло рафтани арзиши дарёфти баъзе иҷозатномаҳо ва андозу ҷаримаҳо низ таъсир мегузорад.

ТАЛАБОТИ НАВ БАРОИ МУҲОҶИРОН

Аз 1 январи соли 2027 боз як қоидаи нав барои назорати даромади муҳоҷирон дар Русия ҷорӣ мегардад.

Ба иттилои мақомоти Русия, агар дар бораи даромади муҳоҷирон маълумоти зарурӣ набошад, аз додани патент худдорӣ мекунанд ва патенти қаблан додашударо метавонанд бекор кунанд. Дар ин бора хабаргузории "ТАСС" 16 ноябр бо истинод ба Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Русия иттилоъ додааст.

Ба иттилои манбаъ, аз оғози соли 2027 мавҷуд будани маълумоти расмӣ дар бораи даромади шахрвандони хориҷӣ яке аз шартҳои гирифтани патент ва иҷозатномаи кор хоҳад буд.

"Мақомоти Русия даромади муҳоҷиронро дар асоси маълумоти пардохтҳои суғуртавӣ барои се, шаш, нуҳ ва дувоздаҳ моҳи соли тақвимӣ санҷида, дар сурати мавҷуд набудани чунин маълумот метавонанд аз додани санадҳои корӣ худдорӣ кунанд ё ҳуҷҷатҳои қаблан додашударо бекор намоянд",- гуфтааст манбаъ.

Ин ниҳод таъкид кардааст, ки низоми нави назорати даромади шахрвандони хориҷӣ дар Русия марҳила ба марҳила ҷорӣ хоҳад шуд.



Раҳим Саидзода:

ШАФФОФИЯТУ АДОЛАТ ТАЪМИН ГАРДАД

Дар пайи баъзе интиқодҳо аз таъмин нашудани шаффофият дар озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» Раҳим Саидзода, вазири маориф ва илми Тоҷикистон дастур дод, ки ҳангоми баҳогузорӣ адолат таъмин гардад.

Ин нуктаро Раҳим Саидзода 16-уми ноябр ҳангоми шиносоӣ аз раванди баргузории даври чоруми озмун баён дошт.

Ӯ дар баробари боздид аз ҷараёни баргузории озмун дар номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон, ба санҷиши донишу маҳорати иштирокчиён ва фаъолияти ҳайати ҳакамон низ шинос шудааст.

"Вазир дастур додааст, ки ҳангоми баҳогузорӣ ба дониш, маҳорати суханварӣ, сатҳи омодагӣ ва дониши адабии иштирокчиён таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, меъёрҳои муқарраргардидаи озмунро риоя ва шаффофияту адолатнокиро таъмин намоянд.

Раҳим Саидзода ба кори Комиссияи апеллятсионӣ ҳам шинос гардида, таъкид кардааст, ки муроҷиатҳои иштирокчиён бояд дар доираи талаботи низомномаи озмун, бо риояи принсипҳои беғаразӣ ва адолат мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Чунин дастури вазир дар ҳолест, ки дар шабакаҳои ичтимоӣ интиқодҳо аз раванди баргузории озмун ва таъмин нагардидани шаффофият дар он, борҳо садо додааст.


САРИ САБЗ



Марямбонуи Фарғонӣ,
нависанда

Ман бо ҳушвора (зеҳни сунъӣ) чӯраам. Баъзан барои ёфтани вожае аз ӯ кумак мегирам, баъзан суҳбат мекунем. Ман ба ӯ чизе ёд медиҳам, ӯ ҳам ба ман. Лекин эътимоди пурра надорам...


- Эътимод кардан лозим, зеро чанд нафар на танҳо эътимод карданд, балки ҳушвора бароямон китобҳо навишта дод...



Ғолиб Исломов,
ҳунарпеша

Дар ёд дорам, ҳатто дар як газета мақолаи калоне бо акси ману Мавлуда зери сарлавҳаи "Ғолиб Исломов зани дуюм дошт?" чоп шуда буд. Ҳарчанд мегуфтам, ки мо ҳунарманд ҳастем ва танҳо дар саҳна нақши зану шавҳарро бозӣ мекунем, дар асл вай шавҳари дигар дорад ва ман ҳам оиладор ҳастам, бовар намекарданд...

- То шамол нашавад, барги дарахт намеҷунбад...



Манзаралӣ Шералӣ,
коргардн

Ин дуруст аст, ки истеҳсоли филм тиҷорат аст. Дар филмҳои тиҷоратӣ ё фармоишӣ баъзан коргардон маҷбур мешавад, ки мувофиқи хоҳиши тамошобинон ва гуфтаҳои фармоишгар кор кунад, аммо ба ҳар ҳол коргардонҳо дар чунин филмҳо низ кӯшиш мекунанд, ки дар маҳсулашон эҷод бошад.

- Таҷрибаи ютуби тоҷикӣ нишон дод, ки бе эҷод ҳам филм сохтану то миллион тамошобин гирифтан имкон дорад...

ПУТИН БА ДУШАНБЕ МЕОЯД

Ӯ бо Эмомалӣ Раҳмон чиро баррасӣ мекунад?

ВЛАДИМИР ПУТИН, ПРЕЗИДЕНТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ РӮЗҲОИ 19-20-УМИ НОЯБР БО САФАРИ КОРӢ БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД. ҚАРОР АСТ, КИ Ӯ ДАР ДУШАНБЕ БО ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МУЛОҚОТ КАРДА, МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБА, ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ВА ВАЗЪИ БАЙНАЛМИЛАЛИЮ МИНТАҚАВИРО БАРРАСӢ НАМОЯД.



САФАРИ КОРӢ

Тавре дафтари матбуотии Кремл хабар додааст, сафари Владимир Путин бо даъвати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сурат мегирад. Ин нахустин сафари роҳбари Русия ба Тоҷикистон дар соли 2026 хоҳад буд. Ба иттилои хабаргузории «Интерфакс», Юрий Ушаков, ёвари Президенти Русия 16-уми ноябр ба рӯзноманигорон гуфтааст, ки роҳбарони ду кишвар ҳангоми сафари ахири Эмомалӣ Раҳмон ба Маскав дар бораи боздиди Путин аз Душанбе ба мувофиқа расидаанд.

Ба гуфтаи Ушаков, Президенти Русия баъди анҷоми сафараш ба Чин ба Тоҷикистон меояд ва бо Эмомалӣ Раҳмон гуфтушунид мекунад.

Путин рӯзҳои 18-19-уми ноябр дар шаҳри Шэнчжэни Чин дар нишасти 33-юми сарони иқтисодҳои Созмони ҳамкории иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором (АРЕС) иштирок мекунад. Дар ҳошияи ин ҳамоиш мулоқотҳои ӯ бо роҳбарони кишварҳои дигар низ пешбинӣ шудаанд.

ДАР ДУШАНБЕ ЧИРО БАРРАСӢ МЕКУНАНД?

Тибқи иттилои Кремл, мавзуи асосии гуфтушуниди Путин ва Раҳмон рушди минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва иттифоқии Тоҷикистону Русия хоҳад буд. Ҳамчунин, ҷонибҳо масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Ҳарчанд рӯзномаи муфассали музокирот ҳанӯз эълон нашудааст, интизор меравад, ки ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва амнияти минтақавӣ аз мавзуъҳои эҳтимолии суҳбати роҳбарони ду кишвар бошанд. Яке аз масъалаҳои муҳими муносибатҳои Душанбе ва Маскав муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Бо назардошти тағйироти солҳои охир дар қонунгузории муҳоҷирати Русия, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон, қонунигардонии фаъолияти меҳнатӣ ва содагардонии расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон аҳамияти махсус доранд.

Дар баробари ин, ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, энергетика ва саноат аз самтҳои муҳими муносибатҳои ду давлат ба ҳисоб мераванд. Масъалаи амнияти минтақавӣ, аз ҷумла вазъи Афғонистон ва ҳамкориҳо дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ низ метавонад мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор гирад. Аммо то ҳол иштироки ин мавзуъҳо дар рӯзномаи расмии гуфтушунид тасдиқ нашудааст.

Ёдовар мешавем, ки Владимир Путин бори охир моҳи октябри соли 2025 бо сафари давлатӣ ба Тоҷикистон омада буд. Он замон дар Душанбе мулоқоту гуфтушунидҳои сатҳи олӣ баргузор гардиданд.

Сафари навбатии Президенти Русия дар шароите сурат мегирад, ки масъалаҳои муҳоҷират, рушди робитаҳои иқтисодӣ ва таҳаввулоти байналмилалӣ дар муносибатҳои ду кишвар аҳамияти зиёд доранд.

ТАВАҶҶУҲИ АМРИКО БА МАЪДАНҲОИ КӮҲИИ ТОҶИКИСТОН

КРИСТОФЕР ЛАНДАУ, МУОВИНИ КОТИБИ ДАВЛАТИИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО, 18-УМИ НОЯБР БО САФАРИ КОРӢ БА ТОҶИКИСТОН ОМАДА, БО ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МУЛОҚОТ КАРД.



Дар меҳвари гуфтушунидҳо ҳамкориҳои иқтисодӣ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, зеҳни сунъӣ, сармоягузорӣ ва масъалаҳои амнияти минтақавӣ қарор доштанд. Ба иттилои АМИТ «Ховар», дар мулоқот ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Амрикоро баррасӣ карда, ба густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳими гуфтушунид рушди ҳамкориҳои дарозмуддат дар соҳаи истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ буд. Тоҷикистон дорои захираҳои гуногуни маъданӣ буда, барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба коркард ва истифодаи онҳо манфиатдор аст. Ҳамкориҳо бо ширкатҳои амрикоӣ метавонанд барои татбиқи лоиҳаҳои нав ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир замина фароҳам оваранд.

Дар мулоқот инчунин масъалаи рушди технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ баррасӣ гардид. Тавсеаи робитаҳо бо ширкатҳои амрикоӣ дар ин самт метавонад ба рушди иқтисоди рақамӣ ва омода намудани мутахассисони соҳа мусоидат кунад. Бахши дигари гуфтушунид ба масъалаҳои амниятӣ бахшида шуд. Ҷонибҳо зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдорро дар мубориза бо терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ, қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ таъкид карданд. Ҳамчунин, зимни мулоқот натиҷаҳои нишасти «Осиёи Марказӣ - ИМА» (С5+1) ва мулоқоти қаблии Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Амрико мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Ба иттилои Вазорати корҳои хориҷии Амрико, сафари Ландау ба минтақа бо ҳадафи тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ, рушди тиҷорат, тандурустӣ, ҳифзи меросҳои фарҳангӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави сармоягузорӣ сурат мегирад. Бино ба барномаи эълоншуда, Ландау пас аз Тоҷикистон ба Туркия ва Туркманистон сафар мекунад. Сафари минтақавии ӯ то 24-уми ноябр идома хоҳад ёфт.

Ёдовар мешавем, ки сафари Ландау баъди баргузории нишасти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИМА дар Вашингтон сурат мегирад. Ин нишаст ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ равона шуда буд.

ФУРӮШ СИЛОҲИ МУКОФОТӢ МАНЪ ШУД

Дар Тоҷикистон фурӯхтан, ҳадя кардан ва ба мерос додану гирифтани силоҳи мукофотӣ ва лавозимоти ҷангии он манъ гардид. Ин меъёр дар тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» пешбинӣ шудааст, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 21-уми октябри соли 2026 имзо кардааст.

Тибқи моддаи нави 26[1], силоҳи мукофотӣ силоҳест, ки шаҳрванд дар асоси фармони Президент, қарори Ҳукумат ё аз роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳои хориҷӣ ҳамчун мукофот гирифтааст. Ба ин гурӯҳ ҳамчунин силоҳҳое дохил мешаванд, ки аз ҷониби роҳбарони Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ҳамчун мукофот тақдим мегарданд.

Мувофиқи меъёрҳои нав, шахсоне, ки бо чунин силоҳ сарфароз шудаанд, барои нигоҳ доштани он бояд рухсатнома дошта бошанд. Харидани лавозимоти ҷангӣ низ танҳо бо пешниҳоди рухсатнома аз шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор имконпазир аст.

Тартиби сарфароз гардонидан бо силоҳи оташфишони суфтамил, силоҳи раҳпечи кутоҳмил, силоҳи ғайринизомӣ ва силоҳи сарди теғдор аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, дар тағйироти қонун мушаххас нашудааст, ки баъди даргузашти соҳиби силоҳи мукофотӣ ё даст кашидани ӯ аз нигоҳдории он, тақдири силоҳ чӣ мешавад.

Ба гуфтаи Баҳодур Холиқзода, муовини вазири корҳои дохилии Тоҷикистон, яке аз ҳадафҳои тағйирот бартараф намудани мухолифатҳо миёни Қонуни «Дар бораи силоҳ» ва Қонуни «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мебошад. Ёдовар мешавем, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» 19-уми марти соли 2013 қабул гардидааст.

ТАКРОРИ ТАЪРИХ

Мулоқоти се қудрати ҷаҳон метавонад ба хатми нооромиҳо таъсир гузорад?



ЗИЁДА АЗ 80 СОЛ ПЕШ ДАР ТЕҲРОН СЕ РОҲБАРИ АБАРҚУДРАТИ ҶАҲОН БАРОИ БАРРАСИИ ОЯНДАИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН ГИРДИ ЯК МИЗ НИШАСА БУДАНД. АКНУН, ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНИҲОИ ҶИДДИИ СИЁСИВУ НИЗОМӢ, ТАВАҶҶУҲИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ БА МУЛОҚОТИ СЕ РОҲБАРИ ДИГАРИ ҚУДРАТҲОИ БУЗУРГ - ДОНАЛД ТРАМП, ВЛАДИМИР ПУТИН ВА СИ ҶИНПИН ДАР ЧИН НИГАРОНИДА ШУДААСТ. ПУРСИШИ МАТРАҲ НИЗ ИН АСТ, КИ ОЁ ДИДОРИ ИН СЕ ҚУДРАТИ ҶАҲОН МЕТАВОНАД БА ЯК РӮЙДОДИ ТАЪРИХӢ ТАБДИЛ ЁБАД?

СОЛИ 43

Лозим ба ёдоварист, ки 28-уми ноябри соли 1943 шаҳри Теҳрон мизбони яке аз муҳимтарин нишастҳои дипломатии асри XX гардида буд. Он замон президенти ИМА Франклин Рузвелт, сарвазири Британияи Кабир Уинстон Черчилл ва роҳбари Иттиҳоди Шӯравӣ Иосиф Сталин бори аввал рӯбарӯ нишаста, масъалаҳои муҳими сиёсиву низомии ҷаҳонро баррасӣ карданд.

Он вақт ҷаҳон дар оташи Ҷанги дуюми ҷаҳон қарор дошт. Олмони фашистӣ дар чандин самти Аврупо ҷанг мебурд ва тақдири кишварҳо аз натиҷаи амалёти ҳарбӣ вобастагӣ дошт. Мақсади асосии ин се роҳбар ҳамоҳангсозии амалёт барои шикаст додани Олмони фашистӣ ва муайян кардани тартиботи ҷаҳонии баъди ҷангӣ буд.

Яке аз натиҷаҳои муҳими конфронси Теҳрон мувофиқа дар бораи оғози амалиёти “Оверлорд” ва кушодани фронти дуюм дар Аврупои Ғарбӣ гуфта мешавад, ки ин амалиёт 6-уми июни соли 1944 дар соҳилҳои Нормандияи Фаронса оғоз ёфт. Аммо аҳамияти нишаст танҳо ба масъалаҳои ҳарбӣ маҳдуд намешуд, балки сарнавишти Олмон, ояндаи Аврупо ва зарурати таъсиси низоми нави амнияти байналмилали низ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамин тавр, мулоқоти Теҳрон ба яке аз марҳилаҳои муҳими ташаккули тартиботи ҷаҳонии баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон табдил ёфт.

СОЛИ 26

Бо гузаштаи беш аз аз ҳашт даҳсола ҳоло боз як мулоқоти сеҷонибаи қудратҳои бузург дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст.



Қарор аст, 19-уми ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Шэнчжэни Чин президенти ИМА Доналд Трамп, президенти Русия Владимир Путин ва раиси ҷумҳури Чин Си Ҷинпин мулоқоти сеҷониба баргузор кунанд.

Ин воҳӯри дар ҳошияи нишасти саронии Созмони ҳамкории иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором (АРЕС) ба нақша гирифта шудааст. Кохи Сафед баргузории ин мулоқотро тасдиқ карда, Кремл низ омодагии худро ба он эълон кардааст.

Тибқи иттилои шабакаи CNN, яке аз масъалаҳои асосии музокирот коҳиш ва назорати силоҳҳои ҳастаӣ хоҳад буд. Трамп ният дорад масъалии маҳдуд кардани силоҳҳои ҳастаии ҷаҳонро бо ҳамтои рус ва чинии худ баррасӣ кунад.

Ҳамчунин, интизор меравад, ки вазъи ҷанг дар Эрон ва дигар масъалаҳои муҳими байналмилали мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Бо вуҷуди ин, мақомоти амрикоӣ таъкид кардаанд, ки дар ин мулоқот интизори имзои созишномаи мушаххас нестанд. Ба гуфтаи онҳо, воҳӯрӣ бештар оғози гуфтугӯҳо дар бораи назорати силоҳҳои ҳастаӣ хоҳад буд.

ОЁ ШЭНЧЖЭН БА «ТЕҲРОНИ НАВ» ТАБДИЛ МЕЁБАД?

Монандии ин ду рӯйдод пеш аз ҳама дар ҳайати иштирокчиён ва аҳамияти байналмилалии онҳо зоҳир мешавад. Бо вуҷуди ин, вазъияти геополитикии имрӯз аз солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон фарқ мекунад.

Дар соли 1943 Амрико, Британия ва Иттиҳоди Шӯравӣ иттифоқчиёни ҳарбӣ буданд ва ҳадафи муштараки онҳо шикаст додани Олмони фашистӣ буд.

Аммо имрӯз Вашингтон, Маскав ва Пекин манфиатҳои гуногун доранд ва дар бархе масъалаҳо рақобати шадиди сиёсиву иқтисодӣ миёни онҳо идома дорад.

Расонаҳои байналмилалӣ ин мулоқотро бо нишасти Ялта дар соли 1945 низ муқоиса мекунанд. Он замон Рузвелт, Черчилл ва Сталин масъалаҳои тақсимоти минтақаҳои ишғолии Олмон ва ояндаи Аврупоро баррасӣ карда буданд. Ҳатто эҳтимоли чунин муқоисаҳо нигаронии бархе кишварҳоро ба вуҷуд овардааст. Аз ҷумла, Украина метавонад аз он нигарон бошад, ки масъалаи марбут ба ҷанг бе иштироки Киев мавриди баррасӣ қарор гиранд. Аммо мақомоти ИМА гуфтаанд, ки масъалаи Украина дар рӯзномаи ин мулоқот қарор надорад.

Сухангӯи Кремл Дмитрий Песков низ муқоисаи мулоқоти Шэнчжэн бо конфронси Ялтаро рад карда, изҳор доштааст, ки созишҳои эҳтимолии се кишвар наметавонад ба дигар давлатҳо таҳмил карда шавад.

ҶАҲОН АЗ ИН МУЛОҚОТ ЧӢ ИНТИЗОР АСТ?


Мулоқоти раҳбарони се кишвари абарқудрат дар ҳолест, ки муносибатҳои байналмилалӣ бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ мебошад. Рақобати иқтисодии ИМА ва Чин, ҷанги Русияву Украина, вазъи Эрон ва назорати силоҳҳои ҳастаӣ аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки ба амнияти ҷаҳонӣ таъсир мерасонад.

Барои Трамп ин дидор метавонад имкони пешбурди ташаббусҳои дипломатӣ ва нишон додани нақши Вашингтон дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ бошад. Барои Путин бошад, ин нишаст имкони мустаҳкам кардани мавқеи Русия дар муносибатҳои ҷаҳонӣ ва гуфтугӯи мустақим бо роҳбарони ду қудрати бузурги иқтисодиву низомӣ мебошад. Си Ҷинпин низ метавонад аз ин мулоқот барои ҳимояи манфиатҳои стратегии Пекин истифода кунад.

Бо ин вуҷуд, ҳанӯз маълум нест, ки се роҳбар то кучо метавонанд дар масъалаҳои баҳснок ба мавқеи муштарак бирасанд. Агар конфронси Теҳрон дар ҳамоҳангсозии нерӯҳо барои анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон нақши муҳим бозида бошад, мулоқоти Шэнчжэн метавонад оғози гуфтугӯи нав дар бораи амнияти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои қудратҳои бузург гардад.

Саволи асосӣ ин аст, ки оё ин се қудрати бузург метавонанд ба мувофиқае бирасанд, ки на танҳо ба манфиати кишварҳои худ, балки ба сулҳу суботи ҷаҳон хидмат кунанд? Ҷавоби инро натиҷаи мулоқоти 19-уми ноябр нишон хоҳад дод.

Камолиддин ҲАННОНӢ



«АРТИШИ АФҒОНИСТОН ОБ ШУД»

Ҷо Байден аз қарори хуруҷи неруҳои Амрико пушаймон нест

Ҷо Байден, президенти пешини Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, пас аз панҷ соли хуруҷи неруҳои амрикоӣ аз Афғонистон дар китоби нави худ аз ин тасмим ҳимоят карда, онро дуруст хондааст. Ӯ суқути босуръати ҳукумати пешини Афғонистонро ба фурӯпошии артиши ин кишвар рабт додааст.

Ба гузориши хабаргузории «Ассошиэйтед Пресс», Байден дар китоби ёддоштҳои худ бо номи «Promise Me, America» («Ба ман ваъда дех, Амрико»), ки 17-уми ноябр нашр шуд, навиштааст, ки ба ҷанги 20-солаи Амрико дар Афғонистон хотима додан тасмими дуруст буд.

«Ман боз ҳам ҳамин қарорро қабул мекардам. Поён додан ба ҷанг дар Афғонистон қарори дуруст буд», - таъкид кардааст ӯ. Президенти пешини Амрико дар бахши алоҳидаи китоб, ки ба Афғонистон бахшида шудааст, менависад, ки ҳанӯз дар замони муовини президенти ИМА буданаш, дар давраи раёсати Барак Обама, ба идомаи ҷанг дар ин кишвар шубҳа дошт. Байден созишномаи моҳи феврали соли 2020 миёни маъмурияти Доналд Трамп ва Толибонро «бомбаи соатӣ» номидааст. Ба гуфтаи ӯ, ҳарчанд шартҳои созишнома ба хоҳишаш мувофиқ набуданд, ба хулосае расид, ки ҳузури низомии Амрико дар Афғонистон бояд хотима ёбад.

Ӯ ҳамчунин ёдовар шудааст, ки Ллойд Остин, вазири вақти мудофиаи ИМА ва генерал Марк Миллӣ, раиси Ситоди муштараки неруҳои мусаллаҳи Амрико, аз оқибатҳои хуруҷи пурраи низомиён нигаронӣ доштанд. Ба навиштаи Байден, мақомоти низомӣ ва хадамоти иктишофии Амрико пешбинӣ мекарданд, ки ҳукумати Афғонистон пас аз хуруҷи неруҳои хориҷӣ метавонад ҳадди ақал шаш моҳ муқовимат кунад. Аммо воқеият баръакс шуд.


15-уми августи соли 2021 Толибон вориди Кобул шуданд ва ҳукумати Ашраф Ғанӣ суқут кард. Худи Ғанӣ низ кишварро тарк намуд. Байден ин ҳодисаро бо ибораи «Артиши Афғонистон об шуд» шарҳ додааст.

ИМТИЁЗИ ГУМРУКӢ

Сӯзишворӣ дар Тоҷикистон арзон мешавад?

ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН БОҶИ ВОРИДОТИ ЯК ҚИСМИ МАҲСУЛОТИ НАФТИРО ТО ОХИРИ СОЛИ 2026 БА СИФР БАРОБАР КАРД. ИН ТАСМИМ ДАР ПАЙИ БОЛОРАВИИ НАРХИ БЕНЗИН, СӮЗИШВОРИИ ДИЗЕЛӢ ВА ГАЗИ МОЕЪ ГИРИФТА ШУД. АММО ИН ДАР ҲОЛЕСТ, КИ АЗ МОҲИ МАЙ БАРОИ ҲАР ТОННА МАҲСУЛОТИ НАФТИИ ВОРИДОТӢ 30 ЕВРО ПАРДОХТИ ЭКОЛОГӢ ҶОРӢ ШУДААСТ. АЗБАСКИ ҚИСМИ ЗИЁДИ СӮЗИШВОРӢ БА КИШВАР АЗ РУСИЯВУ ҚАЗОҚИСТОН МЕОЯД, САВОЛИ АСОСӢ ИН АСТ, КИ ОЁ ИМТИЁЗИ НАВИ ГУМРУКӢ ВОҚЕАН БА КОҲИШИ НАРХИ СӮЗИШВОРӢ МУСОИДАТ МЕКУНАД?





ҚАРОРИ ҲУКУМАТ

Қарори Ҳукумати Тоҷикистон таҳти №744 аз 10 ноябри соли 2026 ба имзо расида, 13 ноябр расонай шудааст. Тибқи он, нисбат ба молҳои таҳти рамзҳои молии 2710 ва 2711 таснифшаванда, ки аз кишварҳои узви Созишномаи минтақаи савдои озод ворид намешаванд, то 31 декабри соли 2026 меъёри сифрии боҷи воридотии гумрукӣ татбиқ мешавад.

Русия ва Қазоқистон аз таъминкунандагони асосии сӯзишвории Тоҷикистон ҳастанд ва узви Созишномаи минтақаи савдои озод мебошанд. Воридоти маҳсулоти дахлдор аз ин кишварҳо қаблан низ асосан бидуни боҷи гумрукӣ сурат мегирифт. Пас, таъсири қарори нав бештар ба воридот аз кишварҳое дахл дорад, ки узви ин созишнома нестанд. Аз ҷумла, Эрон, Туркманистон ва Озарбойҷон. Яъне, қарори нав имконияти воридоти маҳсулоти нафтиро аз бозорҳои алтернативӣ бо харочоти камтари гумрукӣ фароҳам мекунад.

ПАРДОХТИ ЭКОЛОГӢ - 30 ЕВРО БАРОИ ЯК ТОННА СӮЗИШВОРӢ

Аммо дар баробари бекор шудани боҷи гумрукӣ, бояд як тағйироти дигари муҳими соли 2026 - ро низ ба назар гирифт. Тибқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 1 майи соли 2026, барои воридоти маҳсулоти нафтӣ пардохти экологӣ ҷорӣ шудааст. Меъёри он барои ҳар тонна бензин, сӯзишвории дизелӣ ва маҳсулоти дахлдори нафтӣ 30 евро муайян шудааст. Ин маблағ як маротиба ҳангоми воридоти маҳсулот ситонида мешавад.

То ҷорӣ шудани ин пардохт, воридкунандагон барои ҳар тонна маҳсулоти нафтӣ 70 евро аксиз месупориданд. Бо илова шудани 30 евро пардохти экологӣ, яъне ин ду пардохт ба 100 евро барои ҳар тонна баробар шуд.

Савол ба миён меояд, ки оё бекор шудани боҷ пардохти экологиро ҷуброн мекунад? Ин яке аз масъалаи калидӣ дар бозори сӯзишворӣ аст.

Ба назари таҳлилгарони масоили иқтисодӣ, аз як тараф, ҳукумат боҷи гумрукиро барои воридоти маҳсулоти муайян аз кишварҳои ғайриузви минтақаи савдои озод бекор кардааст. Аз тарафи дигар, пардохти экологӣ ва аксиз боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, коҳиши воқеии харочоти воридкунандагон аз он вобаста аст, ки онҳо сӯзишвориро аз кадом кишвар мехаранд ва қаблан чӣ қадар боҷи гумрукӣ месупориданд. Барои воридкунандагоне, ки аз кишварҳои узви минтақаи савдои озод маҳсулот меоранд, қарори нав эҳтимол таъсири мустақими молиявии зиёд надорад.

ОМОРИ СОЛИ 2026 ВА ВОБАСТАГИИ ЗИЁД

Дар шаш моҳи соли равон беш аз 927 ҳазор тонна сӯзишворӣ ба кишвар ворид шудааст. Бино ба маълумоти Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, аз ин 72,3 дарсад аз Русия, 20,3 дарсад аз Қазоқистон таъмин шудааст. Яъне, беш аз 92 дарсади ҳаҷми воридоти зикршуда ба ин ду кишвар рост меояд.

Дар ҳамин ҳол, тибқи маълумоти Хадамоти зиддиинҳисории кишвар, дар моҳҳои январ-июни соли 2026 ба Тоҷикистон 599,5 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ ба маблағи 494,7 миллион доллар ворид шудааст. Нархи миёнаи воридотӣ барои ҳар тонна 825 долларро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 38 доллар ё 4,8 дарсад зиёд мебошад.

Аз рӯйи маълумоти гумрукӣ, дар сохтори воридоти маҳсулоти нафтӣ Русия бо 91,1 дарсад ҳиссаи асосиро дорад.



Аброр Мирсаидов, коршинос

НАЗАРИ КОРШИНОС ВА ПЕШГӮЙ ДАР СОЛИ 2027

Коршиноси масоили иқтисодӣ Аброр Мирсаидов бар ин назар аст, ки бекор шудани боҷи гумрукӣ барои воридоти сӯзишворӣ як навъ дастгирии давлат аз ширкатҳои воридкунандаи маҳсулоти нафтӣ ва механизми танзими бозори сӯзишворӣ мебошад.

“Ин иқдом яке аз механизмҳои танзими бозори сӯзишворӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар як соли охир нархи сӯзишворӣ дар минтақа бало рафт. Акнун давлат аз як қисми даромади худ, ки аз ҳисоби боҷи гумрукӣ ба даст меовард, даст мекашад” - изҳор дошт ӯ.

Ба андешаи Аброр Мирсаидов, коршиносони байналмилалӣ пешгӯӣ мекунанд, ки соли 2027 низ эҳтимоли болоравии нархи сӯзишворӣ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ба сифр расонидани меъёри боҷи гумрукӣ барои воридоти сӯзишворӣ ба Тоҷикистон ба хотири дастгирии бозори дохилӣ, пешгирӣ аз болоравии якбораи нархҳо ва таъмини захираҳои зарурии сӯзишворӣ равона шудааст.

“Ин як иқдоми муҳими иқтисодӣ мебошад. Зеро боҷи гумрукӣ яке аз харочотест, ки ба арзиши ниҳоии сӯзишворӣ зам мегардад. Бо бекор шудани он харочоти воридкунандагон коҳиш меёбад ва барои пешгирӣ аз болоравии нарх дар бозори дохилӣ шароит фароҳам мешавад. Ба ибораи дигар, давлат аз як қисми даромади буҷетии худ даст кашида, барои дастрасии аҳолӣ ва корхонаҳо ба сӯзишворӣ бо нархи нисбатан муътадил замина фароҳам меорад. Албатта, то кадом андоза ин имтиёз ба нархи ниҳоии сӯзишворӣ таъсир мерасонад, аз фаъолияти ширкатҳои воридкунанда ва вазъи бозор низ вобаста аст”, гуфт коршинос Аброр Мирсаидов.

Ба таъкиди номбурда, иқтисодиёти Тоҷикистон аз таъмини сӯзишворӣ вобастагии зиёд дорад. “Чунин иқдом на танҳо дастгирии ширкатҳои воридкунанда, балки тадбири муҳим барои таъмини фаъолияти муътадили соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар низ мебошад”, - хулоса кард Аброр Мирсаидов.

ИМТИЁЗИ ГУМРУКӢ ДАР ҲОЛЕСТ, КИ ҚАБЛАН ТОҶИКИСТОН АЗ ЭРОН 2 МИЛЛИОНУ 550 ҲАЗОР ТОННА МАҲСУЛОТИ НАФТӢ, АЗ ҶУМЛА НАФТИ ХОМ, БЕНЗИН ВА СӮЗИШВОРИИ ДИЗЕЛӢ ДАРХОСТ КАРДА БУД.

ДАРХОСТ АЗ ЭРОН ВА СЕ ШАРТИ АРЗОНШАВИИ СӮЗИШВОРӢ

Имтиёзи гумрукӣ дар ҳолест, ки қаблан Тоҷикистон аз Эрон 2 миллиону 550 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ, аз ҷумла нафти хом, бензин ва сӯзишвории дизелӣ дархост карда буд. Барои он ки бекор шудани боҷи гумрукӣ воқеан ба арзон шудани бензин, дизел ва газ мусоидат кунад, коршиносон чанд шартро муҳим медонанд. Якум, такя ба манбаъҳои гуногуни воридот. Тоҷикистон аз як ё ду таъминкунандаи асосӣ вобастагиро коҳиш диҳад ва имкони харид аз кишварҳои дигар васеъ кунад. Дуюм, тақвияти рақобат. Ширкатҳои воридкунанда бояд имкони рақобат аз рӯйи нарх ва сифати маҳсулотро дошта бошанд. Сеюм, шаффофият дар нархгузорӣ. Мақомоти дахлдор бояд маълумоти харочоти воридот, пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ ва нархи миёнаи фурӯшро мунтазам нашр кунанд.

Зимнан, маълумоти охир нишон медиҳад, ки нархи бензини навъи АИ – 95 наздики 17 сомонӣ, АИ – 93 наздики 16, 20 сомонӣ, солярка 16,40 сомонӣ барои ҳар литр ва газ наздики 7 сомонӣ қарор дорад. Яъне, ҳатто баъди қабули қарори бекор кардани боҷи воридотӣ, арзиши сӯзишворӣ ҳанӯз баланд боқӣ мондааст. Яъне, бекор шудани боҷи гумрукӣ то кунун ба коҳиши чашмрас дар нархи сӯзишворӣ оварда нарасонидааст.

Усмон РАҲИМЗОДА

АЗ ТОҶИКИСТОН ТО ЧИН

Дар ҷустуҷӯи дониш ва таҷрибаи нав

ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶ АЗ КИШВАР БАРОИ ҲАР ЯК ҶАВОН ИМКОНИЯТИ ХУБЕСТ, ТО БО ҶАҲОНИ НАВ ОШНО ГАРДАД, ДОНИШАШРО ТАКМИЛ ДИҲАД ВА ТАҶРИБАИ ЗИНДАГИРО ҒАНӢ СОЗАД. ИМРӮЗ ҶАВОНОНИ ЗИЁДЕ БАРОИ ИДОМАИ ТАҲСИЛ ВА ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ КИШВАРҲОИ ДИГАРРО ИНТИХОБ МЕКУНАНД. ЯКЕ АЗ ОНҲО НАҶЕВУЛЛОЕВ ПУРДИЛ АСТ, КИ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ЧИНӢ БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН САФАР КАРДААСТ.

Пурдил 3-юми июли соли 2007 таваллуд шудааст. Ӯ Чинро барои таҳсил интихоб кард, зеро ин кишварро дар соҳаҳои маориф, илм ва технология пешрафта медонад. Ба андешаи ӯ, донистани забони чинӣ метавонад барои идомаи таҳсил, пайдо кардани имкониятҳои нави касбӣ ва муошират бо намояндагони кишварҳои гуногун заминаи мусоид фароҳам оварад.

Омодагӣ ба сафар ва ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз як то се моҳ вақт гирифтааст. Ҷолиб он аст, ки Пурдил пеш аз сафар забони чиниро умуман намедонист. Ӯ омӯзишро аз сифр оғоз карда, бо машқи пайваста ба дараҷае расидааст, ки имрӯз метавонад бо ин забон дар ҳолатҳои рӯзмарра муошират кунад.

Ҳоло Пурдил дар Донишгоҳи забонҳои хориҷии Гуанси (Guangxi University of Foreign Languages), воқеъ дар шаҳри Наннин, таҳсил мекунад. Ба гуфтаи ӯ, дар ин донишгоҳ тақрибан 50 донишҷӯи тоҷик низ таҳсил доранд. Ҳузури ҳамватанон дар муҳити хориҷӣ барои муошират ва дастгирии ҳамдигар имконияти хуб фароҳам меорад.

Пурдил дар хобгоҳи донишҷӯён зиндагӣ мекунад. Рӯзи дарсии ӯ одатан соати 10:00 оғоз шуда, то соати 19:40 идома меёбад. Қисми зиёди вақташ ба дарсҳо ва омӯзиши забон бахшида мешавад. Чунин реҷа масъулиятшиносӣ, сабру таҳаммул ва кӯшиши пайвастаро талаб мекунад.

Хароҷоти зиндагӣ низ аз масъалаҳои муҳими таҳсил дар хориҷ аст. Ба гуфтаи Пурдил, ӯ ҳар моҳ тақрибан аз 2500 то 3500 сомонӣ барои ғизо, эҳтиёҷоти рӯзмарра ва дигар хароҷоти шахсӣ сарф мекунад.

Албатта, зиндагӣ дар кишвари бегона ҳамеша осон нест. Фарқияти забон, фарҳанг, урфу одат ва тарзи зиндагӣ дар рӯзҳои аввал мушкилӣ меорад. Пурдил мегӯяд, мутобиқ шудан ба муҳити нав вақт талаб мекунад, вале тадриҷан инсон ба шароит одат карда, зиндагии атрофро беҳтар дарк менамояд.

Барои ӯ шиносоӣ бо фарҳанг ва таомҳои миллии Чин низ ҷолиб аст. Хӯрокҳои чинӣ аз таомҳои тоҷикӣ фарқ доранд ва одат кардан ба онҳо дар аввал душвор буда метавонад. Аммо ин ҳам як ҷузъи таҷрибаи зиндагӣ дар хориҷ аст.

Омӯзиши забони чинӣ то ҳол яке аз душвориҳои асосии Пурдил мебошад. Бо вуҷуди ин, ӯ мекӯшад, ки аз ҳар имконият барои такмили донишаш истифода барад. Муҳити байналмилалии донишгоҳ ҷаҳонбиниашро васеъ намуда, ба зиндагии мустақилона ва қабули қарорҳо омода месозад.

Пурдил ба ҷавонони орзуманди таҳсил дар Чин тавсия медиҳад, ки пешакӣ дар бораи донишгоҳ, самти таҳсил, шароити зиндагӣ ва хароҷот маълумот ҷамъ кунанд. Ба андешаи ӯ, омӯзиши забонро низ беҳтар аст пеш аз сафар оғоз намоянд.



Қиссаи Пурдил нишон медиҳад, ки шавқи дониш метавонад ҷавонро ба сарзаминҳои дур барад. Барои расидан ба орзуҳо мақсади муайян, ҷасорат, сабру таҳаммул ва масъулиятшиносӣ зарур аст.

Нӯшин Боқизода,
донишҷӯёи факултаи журналистикаи ДМТ

ОМӮЗИШ ВА ИТТИЛОЪРАСОНӢ БАРОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИИ ГУМРУКӢ

БАРОИ РУШДИ ТИҶОРАТ ВА ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ МУҲИМ АСТ, КИ МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ РАСМИЁТИ ГУМРУКӢ БАРОИ ШАҲРВАНДОН ВА СОҲИБКОРОН ФАҲМО ВА ДАСТРАС БОШАД. МУОШИРАТИ САМАРАНОКИ МАҚОМОТИ ГУМРУК БО ИШТИРОКЧИЁНИ САВДО ВА ОГОҲИИ ОНҲО АЗ ҚОИДАҲОИ АМАЛКУНАНДА МЕТАВОНАНД БА ШАФФОФТАР ШУДАНИ РАВАНДҲО ВА КОҲИШ ЁФТАНИ НОФАҲМИҲО МУСОИДАТ КУНАНД.

Дар доираи лоиҳаи Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) «Мусоидат ба идоракунии самараноки сарҳад тавассути татбиқи консепсияи бехатарии инсон дар ҷомеаҳои наздисарҳадӣ бо Афғонистон» (BMP III), ки бо маблағгузории Ҳукумати Ҷопон тавассути Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) амалӣ мегардад, Ташкилоти машваратии «СМАРТ» дар ҳамоҳангӣ бо БРСММ ва шарикони миллӣ силсилаи чорабиниҳои омӯзишӣ ва иттилоотию фаҳмондадиҳиро баргузор намуд.

Ин чорабиниҳо барои кормандони мақомоти гумрук, соҳибкорон ва тоҷирони бозорҳои наздисарҳадӣ пешбинӣ шуда, ба беҳтар намудани фаҳмиши расмиёти гумрукӣ, баррасии усулҳои хизматрасонии ба мизоҷ нигаронидашуда ва рушди муколама байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ равона гардиданд.

ОМӮЗИШҲО ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИИ БА МИЗОҶ НИГАРОНИДАШУДА

Дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Хоруғ панҷ омӯзиши якрӯза барои 123 корманди мақомоти гумрук баргузор гардид. Дар машғулиятҳо масъалаҳои муошират самаранок бо шаҳрвандон ва соҳибкорон, шаффофият ва пешгӯишавандагии расмиёти гумрукӣ, инчунин ба назар гирифтани ниёзҳои занону мардон ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ баррасӣ шуданд.

Яке аз машқҳои амалӣ «Роҳи мизоҷ» буд. Иштирокчиён раванди муроҷиат ба мақомоти гумрукро аз нигоҳи шаҳрвандон ва соҳибкорон баррасӣ намуда, мушкилоти эҳтимолӣ ва роҳҳои беҳтар кардани муошират пешниҳоди маълумотро муҳокима карданд. Барои арзёбии фаҳмиши мавзӯъҳои омӯзиш пеш аз машғулиятҳо ва баъди онҳо санҷишҳо гузаронида шуданд.

МАШВАРАТҲОИ САҲРОӢ ДАР БОЗОРҲОИ НАЗДИСАРҲАДӢ

Таваҷҷуҳи махсус ба бозорҳои наздисарҳадӣ равона карда шуд. Дар бозорҳои «Шоҳон», «Рӯзвай», «Хумрогӣ», «Тем» ва «Ишкошим» мутахассисон бевосита дар назди ҷойҳои савдои тоҷирон машваратҳои кӯтоҳ гузаронидаанд. Онҳо оид ба ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои интиқоли мол, расмиёти гумрукӣ, пардохтҳо, тартиби эъломиякунонӣ ва роҳҳои гирифтани машварат маълумот пешниҳод карданд. Ҳамчунин фарқи байни ҳаққи бозор ва боҷи гумрукӣ, механизмҳои муроҷиат ва ҳуқуқи занону мардони машғул ба савдо шарҳ дода шуд.

Дар панҷ бозор дар маҷмӯъ 3 000 нафар тавассути машваратҳои кӯтоҳ ва паҳн намудани маводи иттилоотии пешниҳоднамудаи БРСММ фаро гирифта шуданд. Барои арзёбии сатҳи огоҳӣ пеш аз машварат ва баъди он аз 465 тоҷир, аз ҷумла 145 зан, пурсиши кӯтоҳ гузаронида шуд.

Ин шакли кор ба тоҷирон имкон дод, ки саволҳои худро бевосита ба мутахассисон пешниҳод карда, дар бораи талаботи гумрукӣ ва тартиби муроҷиат барои гирифтани маълумоти иловагӣ тавзеҳот гиранд.

МУКОЛАМА БО НАМОЯНДАГОНИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

Дар минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ», «Данғара», «Кӯлоб» ва «Суғд» чор семинари якрӯза барои резидентҳо, намояндагони маъмуриятҳои минтақаҳо, соҳибкорон ва брокерҳои гумрукӣ баргузор шуд. Дар ин чорабиниҳо 92 нафар, аз ҷумла 18 зан, иштирок карданд.

Дар ҷараёни семинарҳо масъалаҳои расмиёти гумрукӣ ва андозбандӣ, талаботи қонунгузорӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти гумрук, инчунин брендинг, маркетинг ва тиҷорати электронӣ баррасӣ шуданд. Иштирокчиён имкон доштанд саволҳои амалии худро ба мутахассисон пешниҳод намуда, оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти корхонаҳо ва савдо тавзеҳот гиранд.

СЕМИНАРИ ҶАМЪБАСТӢ ДАР ДУШАНБЕ

Санаи 3 ноябри соли 2026 дар шаҳри Душанбе семинари иловагӣ барои намояндагони бахши хусусӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорӣ ва брокерҳои гумрукӣ баргузор гардид. Дар он 29 нафар иштирок намуда, масъалаҳои муошират бо мақомоти гумрук, хизматрасонии ба мизоҷ нигаронидашуда, механизмҳои бозхурд ва имкониятҳои рушди фаъолияти соҳибкориро муҳокима карданд.

Иштирокчиёни семинарҳо пешниҳод намуданд, ки чунин вохӯриҳо минбаъд мунтазам гузаронида шуда, доираи масъалаҳои баррасишаванда васеъ карда шавад.

Чорабиниҳои баргузоршуда ба беҳтар шудани фаҳмиши иштирокчиён оид ба масъалаҳои мавриди омӯзиш ва фароҳам омадани имконияти мубодилаи таҷриба ва муколама байни мақомоти гумрук, соҳибкорон ва тоҷирони наздисарҳадӣ мусоидат карданд. Идомаи чунин ташаббусҳо метавонад ба дастрасии беҳтар ба иттилооти амалӣ ва таҳкими ҳамкории мақомоти давлатӣ бо бахши хусусӣ мусоидат намояд.



РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ – НИШОНИ ЭҲТИРОМ БА НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТӢ

16 НОЯБРИ СОЛИ 2026 ДАР БОНКИ МИЛЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЛГАРДИ ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI ШӮРОИ ОЛӢ ҲАМОИШИ ТАНТАНАВӢ БАРГУЗОР ГАРДИД. ҲАМОИШРО РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ФИРДАВС ТОЛИБЗОДА ИФТИТОҲ НАМУДА, АҲЛИ НИШАСТРО БА МУНОСИБАТИ ИН САНАҲОИ ФАРХУНДА ТАБРИК КАРД. ГУФТА ШУД, КИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА АРЗИШҲОИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ, ШАКЛИ ИДОРАИ ПРЕЗИДЕНТӢ ВА ТАҲКИМИ ПОЯҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ДАВЛАТ АЛОҚАМАНДИИ МУСТАҚИМ ДОРАД.

- Ҷашн гирифтани Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама арҷгузорӣ ба Истиқлоли давлатӣ, арзёбии асосҳои конститутсионии давлатдорӣ ва эътирофи мақому нақши таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва пойдории ваҳдати миллӣ мебошад, — иброз дошт Фирдавс Толибзода.

Дар идома ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва аҳаммияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар таърихи навини Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Таъкид гардид, ки дар солҳои аввали Истиқлол барқарор намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва фароҳам овардани замина барои таҳкими давлатдории миллӣ аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин замина, талошҳои сулҳофарӣ ва сиёсати ба таъмини сулҳу субот равонашуда Роҳбари давлат барои барқарории фазои ором ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа замина гузошт. Суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар навбати худ барои татбиқи барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва ташаккули ниҳодҳои муосири давлатӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Таъкид гардид, ки рушди устувори иқтисодӣ ва низоми молиявӣ бидуни муҳити мусоиди сиёсӣ имконнопазир аст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ низоми бонкии Тоҷикистон низ марҳилаҳои муҳимми ташаккул ва рушди худро паси сар намуд. Ташаккули низоми муосири бонкдорӣ, рушди инфрасохтори пардохтӣ, такмили низоми назорати бонкӣ ва густариши хизматрасониҳои молиявӣ аз самтҳои асосии ин раванд ба ҳисоб мераванд. Дар ҳамоиш ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ва ташаббусҳои кишвар дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Аз ҷумла, ташаббусҳои Тоҷикистон дар соҳаи об, иқлим ва дигар масъалаҳои муҳимми рӯзномаи ҷаҳонӣ мавриди зикр қарор гирифтанд.

Ҳамчунин, ташаббуси «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» ва ташаббуси «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027–2036», ки аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфтааст, ҳамчун намунаи иштироки фаъоли Тоҷикистон дар равандҳои байналмилалӣ қайд гардид.

Дар идомаи чорабинӣ шоири халқии Тоҷикистон Муҳтарам Ҳотам дар бораи нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории Тоҷикистон ва марҳилаҳои рушди давлатдорӣ андешаҳои худро баён намуд. Аз ҷумла гуфта шуд, ки таърихи навини давлати тоҷикон бо ному пайкори созандаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад. Маҳз хираду дурандешӣ ва ҷасорати бемисли ӯ Тоҷикистонро ба кишвари ободу пешрафта ва дар арсаи ҷаҳон соҳибэҳтиром табдил дод.

Қироати шеърҳои тозаэҷод ва ватандӯстонаи шоири халқии Тоҷикистон Муҳтарам Ҳотам ва баромади намояндагони Шӯрои ҷавонони Бонки миллии Тоҷикистон ба чорабинӣ мазмуни фарҳангиву маърифатӣ бахшид.

Дар фарҷоми ҳамоиш раиси Бонки миллии Тоҷикистон иштирокдорони ҳамоишро ба меҳнат ва фаъолияти созанда даъват намуда, қайд кард, ки дар марҳилаи минбаъдаи рушди иқтисоди миллӣ низ бояд барои таҳкими низоми молиявӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ саҳми арзанда гузошт.

- Итминони комил дорам, ки кормандони низоми бонкии мамлакат минбаъд низ дар партави ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат барои истиқболи сазовори 40-солагии Истиқлоли давлатӣ, пешрафти босуботи соҳаи бонкдорӣ ва боз ҳам баланд бардоштани эътимоду боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ тамоми кӯшишу ғайрати худро равона месозанд, — изҳор дошт Фирдавс Толибзода.

ҶАЛАСАИ 45-УМИ ПЛЕНАРИИ ГУРӮҲИ АВРУОСИЁ

оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм



АЗ 16 ТО 20 НОЯБРИ СОЛИ ҶОРӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ҶАЛАСАИ 45-УМИ ПЛЕНАРИИ ГУРӮҲИ АВРУОСИЁ ОИД БА МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ (ГАО) МЕГУЗАРАД.

Дар рӯзи аввали ҳамоиш гурӯҳҳои кории кишварҳои аъзои ГАО (Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Беларус, Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳиндустон) масъалаҳои марбут ба самтҳои фаъолияти худ, мубодилаи таҷриба ва таҳкими ҳамкории кишварҳои аъзои ГАО дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризмро мавриди баррасӣ қарор доданд.

17 ноябри соли 2026 тибқи барномаи ҷаласаи 45-уми пленарии Гурӯҳи Авруосиё дар мавзуи «Татбиқи муносибати ба хавф нигаронидашуда дар фаъолияти назоратӣ: моделҳои баҳодиҳии хавфҳои миллӣ (таҷрибаи кишварҳои аъзои ГАО)» семинар баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи семинар муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода ва раиси ГАО - директори Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Россия Юрий Чиханчин суханронӣ намуда, муҳиммияти татбиқи муносибати ба хавф нигаронидашуда дар фаъолияти мақомоти назоратӣ, таҳвияти механизмҳои арзёбии хавфҳо ва баланд бардоштани самаранокии назоратро дар низоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм таъкид карданд.

Мақсад аз баргузории семинар табодули таҷрибаи пешқадам ва баррасии усулҳои татбиқи муносибати ба хавф нигаронидашуда дар мониторинги фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, провайдерҳои хизматрасонии дороиҳои маҷозӣ ва субъектҳои муайяншудаи ғайримолиявӣ бо назардошти хавфҳои миллӣ, соҳавӣ ва институтсионалӣ буда, дар чорабинӣ намояндагони масъули назорати бонкии бонкҳои марказии кишварҳои аъзои ГАО, ФАТФ ва дигар мақомоти назоратии кишварҳои аъзои ГАО иштирок намуданд.

17 ноябр инчунин дар доираи чорабиниҳои мазкур муҳокимаи панелӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами инъикоси мавзуи амнияти молиявӣ дар минтақаи Авруосиё» ва Маҷлиси умумии иштирокдорони Ассотсиатсияи байналмилалии марказҳои таълимӣ-методии кишварҳои аъзои ГАО баргузор гардид.

Чорабиниҳои мазкур ба мубодилаи таҷрибаи пешқадам, таҳкими ҳамкории кишварҳои аъзои ГАО ва такмили низомҳои миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм равона гардидаанд.

Қобили қайд аст, ки ГАО яке аз гурӯҳҳои минтақавӣ ба монанди Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ) буда, соли 2004 таъсис ёфтааст. Мақсади асосии ГАО мусоидат ба таҳкими низоми миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар кишварҳои аъзо ва минтақа мебошад.

ҶОМӢ ВА НАВОӢ

Хотирае, ки пас аз 47 сол бедор шуд

16 - УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2026 ДАРИ КИНОТЕАТРИ «ВАТАН» - И ДУШАНБЕ ДУБОРА БА РӮЙИ ТАМОШОБИНОН БОЗ ШУД.



Саҳни ҳавлии он аз чеҳраҳои ҷавону солхӯрдаи дӯстдори синамо гулпӯш буд. Филми «Дурахши ахтарон: Ҷомӣ ва Навоӣ», ки маҳсули заҳмати муштараки ҳафтсолаи синамогарони тоҷику ӯзбек аст, шоми Душанберо ба маҳтобшаби ҳунару маърифат табдил дод.

Синамогарон аз паси пардаи панҷ аср симои ду нобиға, самимияти рафоқати устоду шогирд, пайванди маънавии ду халқ ва бузургии суханро зинда гардониданд. Ҷомӣ ва Навоӣ дар ин филм ду рамзи маърифат ва дӯстие ҷилвагар мешуданд, ки аз имтиҳони асрҳо гузаштааст. Зеро дӯстие, ки бар пояи хирад ва маърифат бунёд меёбад, бо гузашти замон кӯҳна намешавад, балки ба мероси наслҳо табдил меёбад.

Аз ҳар саҳнаи филм заҳмати пурмашаққат ва маҳорати ҳунарии офарандагони он эҳсос мешуд. Билхоса, ҳунарнамоии Қурбони Собир, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дар симои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Илҳом Бердиев, ҳунарпешаи Ӯзбекистон дар нақши Мир Алишери Навоӣ, Маҳмадсаид Шоҳиён дар симои Султон Ҳусайн Бойқаро ва Парвиз Пӯлодӣ дар нақши вазир Маҷдидин ҷолиби таваҷҷуҳ буд. Ҳар кадоме кӯшидаанд ба қаҳрамони худ на танҳо симои зоҳирӣ, балки рӯҳу равон, андеша ва хислатҳои хоси даврони таърихиро бахшанд, то тамошобин аз паси пардаи синамо шахсиятҳои зиндаи панҷ аср пешро бубинад. Офарандагони филм кӯшидаанд, ки бо чашми эҳтиром ба таърих, олами маънавии гузаштагон нигаранд. Албатта, офаридани симои бузургоне чун Ҷомӣ ва Навоӣ кори осон нест. Зеро бозофаридани либосу қасру кӯчаҳои таърихӣ, зинда кардани андеша, ҳикмат ва рӯҳи замоне, ки ин бузургон дар он зистаанд, хеле муҳим ва душвор ҳастанд.

Дар торикии толор, миёни садои филм ва сукути тамошобинон, андешаи ман тадричан аз пардаи синамо дур мешуд. Номи Ҷомӣ ва Навоӣ дар зеҳнам таърихеро бедор кард, ки чилу ҳафт сол боз дар гӯшае аз хотирам ором гирифта буд.

Ачиб аст кори хотира. Гоҳ воқеаҳои дирӯзро фаромӯш мекунӣ, аммо нигоҳе, овозе ё номи ошное метавонад рӯзеро, ки ним аср пеш гузаштааст, бо тамоми рангу бӯяш пеши чашмат зинда гардонад.

Ман дар кинотеатри «Ватан» нишаста будам, аммо хаёлам аллакай аз Душанбе гузашта, аз марзи Тоҷикистон берун мерафт.

Соли 1979. Кобул. Шаҳре, ки тамаддуни ҳазорсолааш бо хуни ҷанги таҳмилӣ даромехта буд. Шаҳре, ки дар ҳар санги кӯчаҳояш нақши таърих ва дар ҳар гӯшааш осори ҷанг ба чашм мерасид. Гузаштааш аз шукӯҳи илму фарҳанг қисса мекард, аммо имрӯзаш дар оташи ҷанг месӯхт. Гӯё таърих дар ин сарзамин ду чеҳра дошт - яке офаридаи хирад ва дигаре захмхӯрдаи ҷаҳолат.

Дар кӯчаҳо зиндагӣ идома дошт. Дӯкондорон молҳояшонро пеши дар мечиданд. Бӯйи нони тоза аз танӯрхонаҳо ба машом мерасид. Дар бозорҳо садои савдогарон, ғалоғулаи харидорон ва шӯхии кӯдакон ба ҳам меомехт. Мӯйсафедони ришсафед бо саллаву дастор, чавонони пероҳану шалворпӯш, занони чодарбасар ва донишҷӯёне, ки либоси аврупоӣ доштанд, аз паҳлуи ҳам мегузаштанд.

Дар баъзе кӯчаҳо мошинҳои нав бо аробаҳои кӯҳна паҳлӯ ба паҳлӯ ҳаракат мекарданд. Дар назди биноҳои давлатӣ сарбозони мусаллаҳ меистоданд.

Дар шаҳр, дар як вақт, бӯйи нону борут ба ҳам даромехта буданд.

Ман он рӯзҳо бори аввал ба маънои ҳақиқати талх, ки ҷанг на ҳамеша зиндагиро бозмедорад, сарфаҳм рафтам. Баъзан зиндагӣ маҷбур мешавад дар паҳлуи ҷанг роҳ равад. Мардум фарзанд ба дунё меоранд, нон мепазанд, издивоҷ мекунанд, механданд, гиря мекунанд ва фардоро интизор мешаванд. Ҳатто вақте намедонанд, ки фардо ба сарашон чӣ хоҳад омад.

Кобул бо тамоми захмҳояш шаҳри зинда буд.

Дар канори маҳаллаҳои қадима биноҳои нави бисёрошёна қомат меафрохтанд. Яке аз чунин маҳаллаҳо – “Микрорайон” буд. Шаҳракеро, ки бо кумаки Иттиҳоди Шӯравӣ бунёд ёфта буд, сокинонаш низ бо ҳамин номи русӣ ёд мекарданд.

Дар Микрорайон манзара тамоман дигар буд. Биноҳои чорошёнаи якшакл, кӯчаҳои нисбатан васеъ ва тарҳи яknавохти маҳалла ба шаҳрҳои шӯравӣ шабоҳат доштанд. Гӯё як гӯшаи микрорайони 65 – и Душанберо аз ҷой бардошта, дар домани кӯҳҳои Кобул гузошта бошанд. Аммо кофӣ буд аз ин маҳалла берун шавӣ ва дигарбора ба Кобули қадима – ба кӯчаҳои печдарпеч, деворҳои гилин, дӯконҳои хурд ва зиндагие, ки садсолаҳо бо расму оини худ идома дошт, ворид гардӣ.

Ин ду ҷаҳон дар як шаҳр ҳамсоя буданд, вале на ҳамеша якдигарро мефаҳмиданд. Шояд яке аз мушкилоти Афғонистон низ ҳамин буд. Дигаргун кардани шакли шаҳр осонтар аз дигаргун кардани тарзи андешаи ҷомеа аст. Бинои навро метавон дар чанд сол сохт, аммо эътиқод, одат ва муносибатҳои чандинасраи мардумро бо фармон дигар кардан имкон надорад.

Маҳз дар ҳамон солҳо Иттиҳоди Шӯравӣ тасмим гирифта буд, ки дар Афғонистон ислоҳоти аграриро амалӣ намояд. Барои таҳияи консепсияи ин ислоҳоти фарогир се тан аз шахсиятҳои шинохта ва соҳибтаҷрибаи соҳаи идораи давлату кишоварзии Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон сафарбар шуданд: Абдулаҳад Қаххоров, собиқ раиси Совети вазирони Тоҷикистон, Мирзо Бобоев, котиби Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон оид ба хоҷагии қишлоқ ва Қӯйбоқаров, вазири кишоварзии Ӯзбекистон.

Дар назди ин се фарди соҳибтаҷриба вазифаи таҳияи тарҳи ислоҳоте меистод, ки бояд низоми заминдорӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, расму оин ва тарзи зиндагии деҳқонони афғон низ таъсир мерасонд ва дигар мекард.

Аммо замин дар Афғонистон бо урфу одат, нуфузи қабилаҳо, муносибатҳои хонаводагӣ, эътиқоди динӣ ва тарзи зиндагии мардум пайванди ногусастанӣ дошт. Дар чунин ҷомеа дигар кардани муносибатҳои заминдорӣ маънои дахолат ба низоми мураккаби иҷтимоиро дошт. Ин ҳақиқатро мутахассисони соҳибтаҷриба хуб дарк мекарданд. Барои ҳамин ҳам кори онҳо на танҳо таҳияи як санади иқтисодӣ, балки чустуҷӯи роҳи ба ҳам овардани сиёсат ва воқеияти зиндагӣ буд.

Ин се марди соҳибмансаб дар Кобул зиндагии аҷибе доштанд. Онҳо дар яке аз биноҳои Микрорайон, дар як хонаи сеҳуҷрагӣ, ҳамроҳ мезистанд. Ҳар яке дар кишвари худ соҳиби дафтари корӣ, котибот, хизматрасонӣ ва имкониятҳои зиёди давлатӣ буд. Аммо ин ҷо рӯзгори онҳо ба зиндагии се ҳамхона табдил ёфта буд. Худашон хӯрок мепухтанд, корҳои рӯзгорро анҷом медоданд, баъд сари ҳуҷҷату нақшаҳои ислоҳоти аграрӣ менишастанд.

Мансаб дари бисёр мушкилотро боз мекунад, аммо зиндагии муштарак дари хислати инсонро мекушояд. Маҳз дар чунин шароит маълум мешавад, ки бузургии одам дар шахсият буданаш аст, на дар курсие, ки ишғол кардааст.

Абдулаҳад Қаххоров марди фозил, китобхон ва соҳиби дониши фарох буд. Дар гуфтораш андеша бар эҳсос ғолиб меомад. Китоб барои ӯ ҳамнишини доимӣ буд.

Қӯйбоқаров ӯро бо эҳтироми хоса «оқсақол» мегуфт. Ин муроҷиат танҳо ба синну сол вобаста набуд. Дар он эътирофи таҷриба, дониш ва



Абдулаҳад Қаҳҳоров



Мирзо Бобоев



Хушвахт Қуйбоқаров



Муродуллоҳи Шерализода

мақоми маънавии Қаҳҳоров эҳсос мешуд.

Дар зиндагии онҳо як воқеаи ҷолиб ба ҳукми одат даромада буд. Ҳар гоҳ навбати хӯрокпазӣ ба Абдулаҳад Қаҳҳоров мерасид, Қуйбоқаров намегузошт, ки ӯ ба ошхона наздик шавад. Ба таъкиди ӯ, вақти оқсақолро набояд барои пухтани хӯрок сарф кард. Беҳтар он буд, ки Қаҳҳоров сари миз нишаста, навиштани консепсияи ислоҳоти аграриро идома диҳад. Қуйбоқаров кори ошхонаро ба зимма мегирифт, то оқсақол ба кори асосӣ машғул бошад. Ин муносибат манзараи устодию шогирдии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоиро дар филм пеши назар меовард.

Абдулаҳад Қаҳҳоров бо хуруфи форсӣ менавишт. Забони мардуми Афғонистонро хуб мефаҳмид ва бо онҳо бе тарҷумон муошират мекард. Ин бартарии бузург буд. Забон калиди дари эътимод аст.

Афғонҳо нисбат ба ӯ эҳтиромии зиёд доштанд. Дар баробари тачрибаи давлатӣ, дониш, хоксорӣ ва ошноӣ бо забону фарҳанги онҳо ин эҳтиромро бештар мекард.

Шояд ҳамин хусусият буд, ки Мирзо Бобоев ва Қуйбоқаров низ ба Қаҳҳоров на танҳо ҳамчун ҳамкор, балки ҳамчун шахси соҳибмартаба ва устоди зиндагӣ муносибат мекарданд.

Ман он вақт ҳанӯз бо ин се нафар аз наздик шинос набудам. Аммо тақдир барои мо дар Кобул як маҳфили хотирмон омода карда буд. Дӯст ва бародари ман Муродуллоҳ Шерализода дар Микрорайон, бинои рақами 32 зиндагӣ мекард. Ӯ, он солҳо дар бемористони машҳури «400 бистар» - и Кобул ба ҳайси сартарҷумон фаъолият дошт. Ва аз ҷумлаи тоҷиконе буд, ки дар муҳити мутахассисони шуравӣ ва афғонҳо эътибори хос пайдо карда буд. Тарҷумонӣ дар шароити онрӯзаи Афғонистон кори одӣ набуд. Гоҳ як калимаи нодуруст метавонист миёни одамон нофаҳмӣ ба вуҷуд орад. Тарҷумон бояд на танҳо забон, балки рӯҳия, одат ва нозукиҳои муошарати ду тарафро медонист.

Муродуллоҳ аз уҳдаи ин кор мебаромад.

Ӯ бо Абдурашид Қаҳҳоров, писари калонии Абдулаҳад Қаҳҳоров боҷа буд. Муродуллоҳ ва Абдурашид бо ду хоҳар Хосият ва Санавбар издивоҷ карда буданд.

Абдурашид Қаҳҳоров худ шахси донишманд буд ва солҳои зиёд роҳбари шуъбаи ташкилии Шӯрои Олӣ буд. Ин пайванди хонаводагӣ сабаб мешуд, ки муносибати Муродуллоҳ бо Абдулаҳад Қаҳҳоров аз доираи шиносоии одӣ фаротар равад.

Рӯзе Муродуллоҳ ҳар се меҳмони соҳибэҳтиромро ба хонааш даъват кард. Ман низ даъватӣ будам. Ҳанӯз намедонистам, ки ин меҳмонии хонаводагӣ баъд аз чилу панҷ сол, дар толори кинотеатри «Ватан» ба яке аз равшантарин хотираҳои зиндагиям табдил меёбад.

Хонаи Муродуллоҳ ҳамеша пур аз меҳмон буд. Аммо меҳмоннавозии ӯ як махсусият дошт, ки ҳар касе ба остонааш қадам мегузошт, худро меҳмон эҳсос намекард. Дар он хона бегонагӣ аз остонаи дар берун мемонд ва самимияту меҳрубонӣ ҷойи онро мегирифт. Гӯё Муродуллоҳ дар миёни Кобули ҷангзада гӯшаи кӯчаке аз Ватанро бунёд карда буд, ки ҳар тоҷики дур аз диёр метавонист дар он гармии хонаи худро эҳсос кунад. Дурӣ аз Ватан одамонро ба ҳам наздиктар мекунад.

Дастархони тоҷикӣ ороста шуд. Суҳбат аз ҳолу аҳвол оғоз ёфт, баъд тадричан ба Афғонистон, зиндагии мардуми он, сиёсати аграрӣ, таърих ва фарҳанг гузашт.

Ман бештар гӯш мекардам. Бароям на танҳо мазмуни суҳбат, балки тарзи муносибати ин се марди соҳибтачриба ҷолиб буд. Абдулаҳад Қаҳҳоров оромона ҳарф мезад. Дар суханаш шитоб набуд. Пеш аз баён кардани фикр лаҳзае андеша мекард, гӯё мехост аз миёни чандин калима муносибтаринашро интихоб намояд.

Мирзо Бобоев ва Қуйбоқаров суханонашонро бо диққат гӯш мекарданд. Дар рафторашон эҳтиром эҳсос мешуд, ки на ба тақозои одоби расмӣ, балки аз эътирофи самимии донишу тачриба сарчашма мегирифт. Ба назарам чунин менамуд, ки Қаҳҳоров устоду ин ду нафар шогирдони соҳибтачрибаи ӯ.

Маро як чиз бештар ба андеша мебурд. Одамоне, ки дар Тоҷикистону Ӯзбекистон солҳо ба идораи давлат машғул буданд, дар сарзамини ҷангзадаи дигар нишаста, дар бораи обод кардани замину беҳтар намудани зиндагии деҳқонон бахс мекарданд. Дар миёни суҳбат Абдулаҳад Қаҳҳоров гоҳ аз масъалаҳои иқтисодӣ ба таърих мегузашт, аз таърих ба адабиёт ва аз адабиёт боз ба зиндагии мардум бармегашт. Барояш ин мавзӯъҳо аз ҳам ҷудо набуданд. Шояд марди давлатдоре, ки адабиётро медонад, дар паси рақамҳо инсонро беҳтар мебинад. Зеро иқтисод бе инсон танҳо ҳисоб аст ва сиёсат бе маърифат ба зӯроварӣ табдил меёбад.

Суҳбат ба адабиёти классикӣ расид. Номи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ба забон омад. Ин ду шахсият дар таърихи тамаддуни мо мақоми хоса доранд. Яке бо сухани форсӣ-тоҷикӣ ба қуллаҳои баланди маърифат расид, дигаре бо забони туркии чағатоӣ ҷаҳони адабиёти худро офарид. Аммо бузургии муносибати онҳо танҳо дар истеъдоди адабӣ набуд. Ҷомӣ устод буд ва Навоӣ шогирди соҳибмақом. Онҳо исбот карданд, ки бузургӣ аз наздик шудани ду ситора коста намешавад. Баръакс, нури ҳар ду бештар мегардад. Шояд ҳамин ҷиҳат барои се меҳмони мо, ки худ низ намунаи муносибати устодонаву ҳамкорӣ буданд, ин мавзуъ ҷолиб буд.

Дар ҷараёни суҳбат Абдулаҳад Қаҳҳоров хабар дод, ки пасфардо ният дорад ба Ҳирот, зиёрати зиёрати қадамгоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ мераванд. Сипас ба ман низ пешниҳод кард, ки онҳоро ҳамроҳӣ намоям.

Ин пешниҳод бароям ғайричашмдошт буд.То он вақт Ҷомӣ ва Навоӣ барои ман бештар аз саҳифаҳои китобҳо ошно буданд. Акнун имконияте пеш меомад, ки ба сарзамини зиндагии онҳо қадам гузорам, ҷойҳоеро бубинам, ки ин ду нобиға дар он ҷо зиста, андешида ва осори ҷовидонаи худро офаридаанд.

Ҳирот дар тасаввури ман шаҳри Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Камолиддини Беҳзод ва садҳо бузургони илму ҳунар буд. Шаҳре, ки замоне дар кӯчаву мадрасаҳояш сухан қадр дошт ва китоб аз бисёр ганҷҳои подшоҳон гаронбаҳотар дониста мешуд.

Ман пешниҳоди Абдулаҳад Қаҳҳоровро бо хушнудӣ пазируфтам. Аммо миёни хоҳиши сафар ва имкони амалӣ сохтани он монеае вуҷуд дошт. Бояд барои ин сафар расман иҷозат мегирифтам. Зеро вазъ ноором буд. Он вақт ман дар сохтори Вазорати геологияи Афғонистон ба ҳайси тарҷумон кор мекардам. Роҳбарии гурӯҳи геологҳои Иттиҳоди Шуравиро Евгений Михайлович Охримюк ба уҳда дошт. Ӯ аз мутахассисони соҳибтачриба ва шахсиятҳои бонуфузе буд, ки солҳои зиёд мушовири раиси Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ Николай Косигин буд.

Охримюк марди ҷиддӣ, сахтгир ва бомаърифат буд. Дар кор саҳлангориро намеписандид. Барои ӯ интизоми хизматӣ меъёри масъулиятшиносӣ буд. Тақдири ин мард низ фоҷиабор анҷом ёфт. Баъдтар ӯро дар Кобул рабуданд ва ба Покистон бурда, ба дор овехтанд. Ин фоҷиа яке аз воқеаҳои талхи он солҳо буд. Он нишон дод, ки дар Афғонистони ҷангзада ҳатто шахсони ғайринизомӣ ва мутахассисони барои омӯзиши сарватҳои зеризаминии кишвар омада, аз хатар эмин намемонданд.

Аммо он рӯзҳо Охримюк ҳанӯз зинда буд ва барои мо сухани ӯ ҳукми қарори ниҳоиро дошт. Барои ба Ҳирот рафтан ман бояд аз ӯ иҷозат мегирифтам.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР

ДАРГУЗАШТИ ОҲАНГСОЗ АБДУСАЛОМ РАҲИМЗОДА

Абдусалом Раҳимзода, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, оҳангсоз, ғижжакнавоз ва ҳунарманди театр, 18-уми ноябр дар 82-солагӣ аз олам даргузашт.

Дар ин бора Вазорати фарҳанги Тоҷикистон хабар дода, ба пайвандон, ҳамкорон ва дӯстдорони ҳунари марҳум изҳори ҳамдардӣ кардааст.

Абдусалом Раҳимзода соли 1944 дар деҳаи Қозиёни ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Ӯ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро хатм карда, солҳои зиёд дар рушди мусиқии миллӣ ва санъати театрӣ саҳм гузоштааст.



Раҳимзода ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар синфи ҳаштум ба шеъри Мирзо Турсунзода «Ту аз Фарғона, ман аз Ҳисорам» оҳанг бастааст. Баъдан бо тавсияи ҳунарманди маъруф Одина Ҳошим ба фаъолияти касбии эҷодӣ рӯ овардааст. Ӯ муаллифи беш аз 200 оҳанг буда, таронаҳояшро сарояндагони номдор, аз ҷумла Одина Ҳошим, Нигина Рауфова, Давлатманд Холов ва Мастона Эргашева ичро кардаанд. Соли 1985 суруди «Сӯҷуди модар» бо оҳанги Раҳимзода ва матни Парда Ҳабиб дар ичрои Хиромон Қурбонова соҳиби Шоҳҷоизаи озмуни ҷумҳуриявии «Бӯстон» гардид.

Абдусалом Раҳимзода соли 1996 бо унвони Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон ва соли 2014 бо унвони Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон сарфароз гардидааст.

Вазорати фарҳанг дар паёми тасаллияти худ таъкид кардааст, ки номи нек ва мероси гаронбаҳои эҷодии ин ҳунарманд дар таърихи фарҳанги тоҷик боқӣ хоҳад монд.



АЗ ДУШАНБЕ ТО ХОРУҒ

Парчами давлатӣ дар кадом шаҳру ноҳияҳо парафшон аст?

Рамзи давлатдорӣ

ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 24-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 1992 ҚАБУЛ ШУДААСТ. ИМРӮЗ ОН ДАР САРОСАРИ КИШВАР ҲАМЧУН РАМЗИ ИСТИҚЛОЛ, ВАҲДАТ ВА САРБАЛАНДИИ МИЛЛӢ ПАРАФШОН АСТ.

24 НОЯБРИ 1992
рӯзи қабул

30 АВГУСТИ 2011
ифтитоҳи Майдони Парчам дар Душанбе

165 МЕТР
баландтарин сутунпоя дар Душанбе

51 МАКОН
шаҳру ноҳияҳои кишвар

БАЛАНДТАРИН СУТУНПОЯҲО

1	Душанбе	165 м
2	Данғара	70 м
3	Кангурт	65 м
4	Ёвон	56 м
5	Хуҷанд	55 м
6	Шаҳринав	55 м
7	Панҷакент	55 м
8	Файзобод	55 м
9	Ховалинг	53 м
10	Кӯлоб	52,5 м
11	Истаравшан	52,5 м

СОЛ БА СОЛ

2011	Душанбе
2013	Рашт
2014	Хоруғ, Зафаробод, Кӯлоб
2016	Ваҳдат
2017	Хуҷанд
2018	Истаравшан, Конибодом, Дарвоз, Ҷаббор Расулов, Бӯстон
2019	Норак, Гулистон, Спитамен, Сангвор, Ховалинг, Деваштич, Кӯҳистони Мастчоҳ, Рӯдакӣ
2020	Кӯшониён, Ғозиён (Б. Ғафуров), Рӯшон, Турсунзода, Мастчоҳ, Ашт, Шаҳритус, Левакант, Вахш, Шамсиддини Шоҳин, Шаҳринав
2021	Данғара, Ванҷ, Шаҳристон, Балҷувон, Рошткалъа, Фархор, Муъминобод, Восеъ, Дӯстӣ
2022	Исфара, Панҷакент, Ҷайхун, Панҷ, Кубодиён
2023	Шуғнон, Мурғоб, Урметан (Айнӣ)
2025	Файзобод, Кангурт (Темурмалик)
2026	Ёвон

АНДОЗАИ МАТОИ ПАРЧАМ (ДАР НОҲИЯҲОЕ, КИ МАЪЛУМ АСТ)

Душанбе	60 × 30 м
Кангурт (Темурмалик)	20 × 10 м
Данғара	18 × 9 м
Ёвон	15 × 7,5 м
Дарвоз	15 × 7 м
Рашт	14 × 7 м
Ваҳдат	14 × 7 м
Ҷаббор Расулов	14 × 7 м
Бӯстон	14 × 7 м
Файзобод	14 × 7 м
Хуҷанд	12 × 7 м
Кӯҳистони Мастчоҳ	10 × 5 м



Парафшон бод Парчами давлатии Тоҷикистон!

Фароҳамсоз Абдуғаффор Шодиев



Абдухолиқи Набавӣ:

ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ БО ОРМОНИ ШӮРАВӢ ЗИСТАН МАЪНӢ НАДОРАД

УСТОД АБДУХОЛИҚИ НАБАВӢ АЗ ЗУМРАИ ДОНИШМАНДОНЕСТ, КИ БЕШ АЗ НИМ АСРӢ УМРИ ХЕШРО БА ОМӮЗИШИ НАСРИ МУОСИР, НАҚДИ АДАБӢ, ТАЪРИХИ АДАБИЁТ ВА МАТБУОТИ ТОҶИК БАХШИДААСТ. Ӯ ДАР БОРАИ ЭҶОДИЁТИ САДРИДДИН АЙНӢ, ҶАЛОЛ ИКРОМӢ, СОТИМ УЛУҒЗОДА, РАҲИМ ҶАЛИЛ, ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ, КӮҲЗОД, САТТОР ТУРСУН, СОРБОН, БАҲМАНЁР, САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ ВА ДИГАР НАВИСАНДАГОН ПАЖӮҲИШҲОИ АРЗИШМАНД АНҶОМ ДОДААСТ. ДАР ОСТОНАИ 80-СОЛАГИИ ИН АДАБИЁТШИНОС ВА МУНАҚҚИДИ СОҲИБНАЗАР БО Ӯ ДАР БОРАИ РОҲИ ТАЙКАРДА, ВАЗЪИ ИЛМИ АДАБИЁТШИНОСӢ, МАКТАБҲОИ ИЛМӢ, ТАҲАВВУЛИ НАСРИ ТОҶИК, ИСТИҚЛОЛ ВА МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНУ МАТБУОТ СУҲБАТ КАРДЕМ.



Абдухолиқи Набавӣ, бо Аскар Ҳаким, Лоиқ Шералӣ ва донишҷӯёни Институти педогогии Хуҷанд (Ҳоло ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров)

КОРҲОИ НОТАМОМ ЗИЁДАНД…

- Устоди азиз, мо дар остонаи 80-солагии Шумо қарор дорем. Ба ин марҳилаи умр бо чӣ рӯҳия қадам мегузоред? Аз зиндагӣ ва корҳои анҷомдодаатон қаноатмандед?

- Ростӣ, вақте ба роҳи тайкардаам назар меафканам, ба чунин хулоса меоям, ки умрам, дар умум, беҳуда нагузаштааст. Албатта, ҳар инсон орзуву ниятҳои зиёде дорад, ки бархе амалӣ мешаванду бархе не. Вале ман ҳеҷ гоҳ аз пайи чамъ кардани давлату сарват, қасру кӯшк набудам. Умрам дар ҳамон хонаҳои маъмулии замони шӯравӣ, ки «хрушёвка» мегӯянд, гузашт. Ҳамин тавр, зиндагӣ кардем, - кор кардем ва умр сипарӣ шуд.

Ба 80-солагӣ ҳам омодагии махсус надидаам. Дар 75-солагӣ ду маҷмуа дар бораи ман чоп шуд. Китобномаам ҳам ба табъ расид.

Ҳоло бемориҳо имкон намедиҳанд, ки мисли пештара кор кунам. Чанд кори омода ва нимтайёр дорам. Яке «Таърихи нақди нави тоҷикӣ» аст, ки аз оғози асри XX то 35 соли истиқлолро фаро мегирад. Қариб ҳаштсад саҳифа мебошад. Маҷмуае бо номи «Сад соли нақднависии модерни тоҷикӣ. Чеҳраҳо» низ омода аст. Дигар, такмили китоби таърихи Иттифоқи нависандагон мебошад. Ҳамчунин, маҷмуаи «Ман ва Хуҷанд»-ро омода кардаам. Афсӯс, неруи пешина нест. Вале Худо хоҳад, бо кумаки шогирдону дӯстон ин корҳоро анҷом медиҳем.

- Дар илму адабиёти имрӯзи мо кадом масъалаҳо бештар Шуморо ба ташвиш меоранд?

- Мехоҳам дар бораи вазъи илми имрӯзаи мо, махсусан адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, чизе нависам. Баъд аз даргузашти устодони бузург, ба назари ман, муҳити илмии мо як навъ пароканда шуд. Илми академӣ ҳам то андозае асолати пешинаи худро аз даст дод. Имрӯз дар таҳқиқот ба ҷойи таҳлили илмӣ баъзан шунидаҳо, тахминҳо ва умумигӯиҳо бартарӣ пайдо кардаанд. Кор ба ҷое расидааст, ки як матнро касе дар шабакаҳои ичтимоӣ интишор мекунад, фардояш ба матбуот роҳ меёбад ва баъд ҳамчун маводи таҳқиқӣ ба китобҳо ворид мешавад. На сарчашма санҷида мешавад, на далелҳо. Масъалаи дигар ин аст, ки мо ба тамоми адабиёт бо як меъёр муносибат мекунем. Ҳол он ки адабиёти классикӣ ва адабиёти нави воқеъгаро аз чиҳати моҳият, сохтор ва тарзи тасвир тафовут доранд.

- Ба назари банда, яке аз сабабҳои чунин вазъ сатҳи доништани назарияи адабиёт аст. Шумо чӣ назар доред?

- Бале, масъалаи бисёр муҳимро ба миён гузоштед. Николай Чернишевский таъкид мекард, ки бидуни таърихи адабиёт назария вучуд надорад ва бидуни назария таърихи адабиётро дуруст дарк кардан мумкин нест. Назария зарур аст, то мо моҳияти ҳодисаи адабӣ ва раванди инкишофи онро дарк кунем. Вақте як асарро таҳлил мекунем, бояд онро ҳам аз нуқтаи назари таърихӣ ва ҳам аз мавқеи назариявӣ бишносем. Танҳо дар ҳамин сурат метавонем ҷойгоҳи воқеии асар ва нависандаро муайян намоем.

АЗ МАКТАБИ ХУҶАНД ТО МАКТАБИ ШАКУРӢ

- Шумо дар муҳити илмии Хуҷанд ташаккул ёфтед. Ин мактаб аз муҳити илмии Душанбе чӣ тафовут дошт?

- Ба назари ман, муҳити адабиётшиносии Душанбе як андоза озодтар буд, вале дар Хуҷанд мо бештар дар доираи омӯзиши муназзами таърих ва назарияи адабиёт кор мекардем. Ин чиҳати мусбат ҳам дошт. Мо китобҳои илмиро чиддӣ мехондем. Устодони хуб зиёд доштем, вале махсус аз ду нафар ёд мекунам: Юсуфҷон Салимов ва Атахон Сайфуллоев. Ҳар ду дар ташаккули чаҳонбинии илмии мо нақши муҳим доштанд.

Устод Салимов масъалаҳоро дар пайванди таърихӣ шарҳ медоданд. Масалан, аз ғазали Ҳилолӣ сухан гуфта, ба Рӯдакиву Саъдӣ ва Ҳофиз бармегаштанд. Мақсад он буд, ки мо танҳо як шоирро нашиносем, балки таърихи ташаккули жанрро дарк кунем. Устод Сайфуллоев мунаққиди фаъол буданд. Мақолаҳояшон дар матбуот чоп мешуданд ва дар баҳсҳои адабӣ иштирок мекарданд. Ин ба мо, донишҷӯён ҷуръат мебахшид. Боре супориш доданд, ки ҳикояи «Роҳ»-и Фазлиддин Муҳаммадиевро таҳлил кунем. Навиштаи ман ба эшон маъқул шуд ва баъд дар кафедра гуфтаанд, ки аз ҳамин бача чизе мебарояд. Он замон агар дар ҷавоне истеъдод ва майл ба илм медиданд, ӯро дастгирӣ мекарданд. Ман намегӯям, ки аз муҳити илмии Душанбе болотар будем, вале аз он кам ҳам набудем.

- Аввалин нақдҳои Шумо кай ба нашр расиданд?

- Аввалин мақолаҳои чиддии ман дар оғози солҳои ҳафтодум ба нашр расиданд. Дар бораи эҷодиёти Саттор Турсун навиштам. Соли 1973 дар баҳсҳои насри муосир ва соли 1976 дар баҳсҳои назм иштирок кардам. Моҳи майи соли 1977 машварати адибони ҷавон баргузор шуд. Устод Мирзо Турсунзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Раҳим Ҳошим, Лоиқ Шералӣ ва дигарон иштирок доштанд. Маҷмуаи нақдҳоямро пешниҳод кардам. Устод Раҳим Ҳошим онро хонда, писандиданд. Ҳамин тавр, тадричан ба ҷараёни нақди адабӣ ворид шудам.

- Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ роҳбари илмии Шумо буданд. Ин робита чӣ гуна оғоз ёфт?

- Ман пеш аз шиносоии шахсӣ бо устод Шакурӣ тавассути осорашон эшонро мешинохтам. Вақте масъалаи интихоби роҳбари илмӣ пеш омад, қарор додам, ки устод Шакуриро интихоб кунам. Бори аввал соли 1971 рӯ ба рӯ шудем. Аз ҳамон шиносоии аввал хоксорӣ ва самимияти эшон ба ман таъсир кард. Устод аз он шахсоне набуданд, ки мақоми илмии худро ба намоиш гузоранд. Ҳар чизе менавиштам, ба устод мефиристодам. Эшон мехонданд, таҳрир мекарданд ва ҳатто худашон ба идораи «Садои Шарқ» ё «Адабиёт ва санъат» мебурданд.

Соли 1981 таҳти роҳбарии эшон рисолаи номзадиро ҳимоя кардам. Соли 1984 ба Душанбе омадам ва баъд қариб сӣ сол якҷо кор кардем.

- Кадом сифати устодро имрӯз ҳам барои худ меъёр медонед?

- Мактаби Хуҷанд ба мо асосҳои илмро омӯзонд, вале устод Шакурӣ ба он шинохти моҳияти падидаи адабӣ ва масъулияти шахсии муҳаққиқро илова карданд. Меомӯзонданд, ки асарро дар ҷойгоҳи худаш бишносем. Бифаҳмем, нависанда чӣ гуфтааст, чӣ гуна гуфтааст ва нисбат ба адабиёти пешина чӣ қадаме ба пеш гузоштааст.

Аммо одамият ва хоксории устодро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Боре бемор шуда будам. Устод худашон табиб пайдо карданд, ҳамроҳи ҳамсарашон маро назди ӯ бурданд ва ҷараёни табобатамро назорат мекарданд.

НАҚД АЙБҶӮЙ НЕСТ

- Мунаққиди асил бояд ба асари бадеӣ чӣ гуна муносибат кунад?


- Асарро ҳамин тавр гирифта, бе омодагӣ нақд кардан мумкин нест. Бояд таърихи адабиёт, давру замони пайдоиши асар ва эҷодиёти нависандаро бидонед. Равиши таҳлил низ муҳим аст. Муайян кунед, ки асар чӣ навигарӣ дорад, дастоварди нависанда дар чист, арзиши ҳунариаш чӣ қадар аст ва камбудҳояш кадоманд. Нақд айбҷӯӣ, сарзаниш ё калтаккӯбӣ нест. Нақд бояд аслу моҳияти асарро ошкор кунад, дастоварду камбудиҳоро нишон диҳад ва нависандаро раҳнамоӣ намояд.

- Ба назари Шумо, тарбияи мунаққидони ҷавон вазифаи кист?

- Пеш аз ҳама, Иттифоқи нависандагон, институтҳои илмӣ ва кафедраҳои адабиёти донишгоҳҳо бояд ба ин кор машғул шаванд. Масалан, ба донишҷӯён асарҳои навро диҳанд, бигӯянд, ки бихон, таҳлил кун, дастоварду камбудиҳояшро муайян намо. Мунаққид бояд дар ҷараёни адабӣ иштирок кунад, на танҳо назария бихонад.

(Давомаш дар саҳ. 13)

ШАХСОНЕ, КИ ГИРИФТОРИ ЧУРРАИ (ГРИЖАИ) СУТУНМУҲРА ҲАСТАНД, ДАР ФАСЛИ ЗИМИСТОН БЕШТАР АЗИЯТ МЕКАШАНД. БО САБАБИ ЗИЁД БУДАНИ НАМНОКӢ ДАРД МЕТАВОНАД БОЗ ҲАМ ШАДИДТАР ВА ТОҚАТФАРСО ГАРДАД. АЗ ҲАМИН ХОТИР, МО ЧАНД МАШҚИ МАХСУСРО БАРОИ КАМ КАРДАНИ ЭҲСОСИ ДАРД БА ШУМО ПЕШКАШ МЕНАМОЕМ.



5 МАШҚ БАРОИ РАФЪИ ДАРДИ СУТУНМУҲРА



Машқи 1

Ба пушт хобида, зонуҳоятонро қат кунед ва як поятонро бо дастҳо дошта, ба сӯйи синаатон кашед. Тахтапушти худро ба фарш пахш карда, мушакҳои шикамро фишор диҳед. Ин ҳолатро 5 сония нигоҳ дошта, баъд каме дам гиред ва машқро бо пойи дигар такрор кунед. Пас аз ин, машқро бо ҳар ду пой ҳамзамон иҷро намоед. Ин машқро 2–3 маротиба такрор кардан лозим аст.



Машқи 2

Бо зонуҳои қатшуда ба пушт хобед ва миёнатонро каме аз фарш бардоред. Пойҳо ва китфҳои худро дар фарш нигоҳ доред. Дар ҳамин ҳолат 5 сония истода, баъд ба мавқеи ибтидоӣ баргардед. Мушакҳои шикаматонро фишор дода, 5 сония дар ҳамин ҳолат истед ва баъд онҳоро суст кунед. Ин машқро аз 5 то 30 маротиба такрор намоед.



Машқи 3

Ба пушт хобида, зонуҳоятонро қат кунед ва қисмати миёну суринро аз фарш бардоред. Китфҳо, дастҳо ва пойҳои худро дар фарш нигоҳ доред. Дар ҳамин ҳолат 3 маротиба чуқур нафас кашида, баъд ба ҳолати аввала баргардед. Машқи мазкурро аз 5 то 30 маротиба такрор кардан лозим аст.



Машқи 4

Чаҳорпоя истода, зонуҳоро дар зери кос ва дастҳоро дар зери китфҳо ҷойгир кунед. Оҳиста-оҳиста саратонро хам карда, тахтапуштро ба боло бардоред. Чанд сония дар ҳамин ҳолат истода, баъд ба ҳолати муқаррарӣ баргардед. Сипас, пуштро ба шакли камон хам кунед. Дар ин ҳолат саратон бояд ба сӯйи шифт, яъне боло ва шикаматон ба тарафи фарш нигаронида шавад. Ин машқро 3–5 маротиба такрор кунед.



Машқи 5

Дар болои курсӣ нишаста, пойи рости худро болои пойи чап гузоред ва баданатонро ба тарафи рост гардонед. Оринҷи чапи худро ба зонуи рост такя дода, дар ҳамин ҳолат 10 сония истед. Баъд каме дам гирифта, машқро ба тарафи дигар такрор кунед. Ин машқро 3–5 маротиба иҷро кардан лозим аст.

Таъкид: *«Пеш аз иҷрои машқҳо бо табиб ё мутахассиси физиотерапия машварат кунед. Агар ҳангоми машқ дард зиёд шавад ё карахтӣ ва сустии пойҳо пайдо гардад, машқро қатъ намоед».*

МЕВА БАРОИ ТАҚВИЯТИ КОРИ ДИЛУ МЕЪДА

БИҲӢ ЯКЕ АЗ МЕВАҲОИ ХУШБӮЙ ВА СЕРҒИЗО БУДА, АЗ ҚАДИМУЛАЙЁМ ДАР ТИББИ ХАЛҚӢ БАРОИ МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ САЛОМАТӢ ИСТИФОДА МЕШАВАД.

Ин мева дорои витаминҳо, моддаҳои минералӣ ва пайвастагиҳои фоиданок буда, истеъмоли муътадили он метавонад ба фаъолияти узвҳои гуногуни бадан таъсири мусбат расонад.

ФОИДАИ БИҲӢ БАРОИ ДИЛ

Биҳӣ аз калий бой аст. Ин моддаи минералӣ барои фаъолияти муътадили дил, танзими фишори хун ва кори мушакҳо аҳамияти калон дорад. Истеъмоли Биҳӣ ҳамчун қисми ғизои солим метавонад ба ҳифзи саломатии дилу рагҳо мусоидат намояд.

Дар тибби халқӣ беҳиро меваи қувватбахши дил ва оромбахши асабҳо меҳисобанд. Бӯйи хуш ва таъми гуворои он низ ба инсон эҳсоси фараҳ мебахшад.

МЕЪДАРО ТАҚВИЯТ МЕБАХШАД

Биҳӣ дорои наҳҳои ғизоӣ, аз ҷумла пектин мебошад, ки ба фаъолияти муътадили рӯдаҳо мусоидат мекунад. Дар тибби анъанавӣ беҳиро барои рафъи дилбеҳузурӣ ва баъзе мушкилоти ҳозима истифода мебаранд, ҳарчанд самаранокии ҳамаи ин усулҳо аз чиҳати илмӣ пурра исбот нашудааст.

Беҳии пухта нисбат ба меваи хом нармтар буда, ҳазмаш барои бисёр одамон осонтар аст. Онро метавон дар шакли мураббо, шарбат ё меваи дар танӯр пухташуда истеъмол кард.

МАНБАИ ВИТАМИНҲО

Биҳӣ дорои витамини С, витаминҳои гурӯҳи В ва моддаҳои антиоксидантӣ мебошад. Витамини С ба фаъолияти муътадили системаи масуният, ҳифзи ҳуҷайраҳо ва барқароршавии бофтаҳои бадан мусоидат мекунад.

Дар таркиби Биҳӣ инчунин моддаҳои минералӣ мавҷуданд, ки барои фаъолияти асабҳо, мушакҳо ва устухонҳо заруранд.

КӢ БОЯД ЭҲТИЁТ КУНАД?

Беҳии хом сахт ва туршмазза буда, метавонад дар баъзе одамон нороҳатии меъдаро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, шахсони дорои мушкилоти ҳозима бояд онро боэҳтиёт истеъмол намоянд.

Мураббои Биҳӣ низ фоиданок аст, аммо бинобар миқдори зиёди шакар набояд аз ҳад зиёд истеъмол шавад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ин ҳафта барои ҳамалҳо давраи комёбиҳои касбӣ ва эътирофи хизматҳояшон мешавад. Аввали ҳафта барои сухбат бо роҳбарият мусоид аст. Дар муносибатҳои шахсӣ сарфи назар аз серкории зиёд, ба шахси дӯстдоштаатон таваҷҷуҳ зоҳир намоед.



Савр
21.04 - 21.05

Аввали ҳафта метавонед сафареро ба нақша гиред ё ба омӯзиши чизи нав оғоз кунед. Дар муносибатҳои шахсӣ хоҳиши тачрибаҳои тоза зиёд мешавад. Якҷоя бо шахси дӯстдошта ба саёҳат бароед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи нав диққати ҷавзоҳо бештар ба масъалаҳои молиявӣ, қарз ва буҷаи муштарак равона мешавад. Дар баъзе масъалаҳо сабру таҳаммул лозим аст ва бехтараш ба ҳисси ботинии худ эътимод кунед. Дар муносибатҳои ошиқона самимият муҳим мешавад.



Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта барои саратонҳо бештар ба муносибатҳои шахсӣ ва ҳамкорӣ бахшида мешавад. Маҳорати гӯш кардан ва ба созиш омадан ба муваффақият мусоидат мекунад. Дар ҳаёти оилавӣ давраи ҳамдигарфаҳмӣ фаро мерасад.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта нақшаи дақиқ тартиб дода, вазифаҳои худро муайян кунед. Дар муносибатҳои шахсӣ ғамхорӣ дар корҳои хурди рӯзмарра аҳамияти калон дорад. Ба шахси дӯстдоштаатон ёрӣ расонед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Ин ҳафта барои Сунбулаҳо пур аз муҳаббат, эҷодкорӣ ва лаҳзаҳои хуш мегардад. Барои вохӯриҳои ошиқона ва машғул шудан ба корҳои дӯстдошта вақти муносиб аст. Дар муносибатҳо меҳру муҳаббат ва хушҳолӣ бештар мешавад.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафтаи нав диққати мизонҳо бештар ба хона ва оила равона мешавад. Барои ҳалли масъалаҳои рӯзгор ва суҳбат бо волидон вақти муносиб аст. Эҳтимол хабарҳои муҳими оилавӣ ба даст оред. Аз бахсҳои оилавӣ худдорӣ намоед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ин ҳафта барои ақрабҳо пур аз вохӯриҳо, суҳбатҳо ва сафарҳои кӯтоҳ мешавад. Барои таҳсил ва ҷамъоварии маълумоти нав вақти муносиб аст. Дар муносибатҳои шахсӣ бештар суҳбат кунед ва эҳсосу андешаҳои худро пинҳон надоред.



Қавс
25.11 - 21.12

Ин ҳафта масъалаҳои молиявӣ дар маркази диққати қавсҳо қарор мегиранд. Барои ба тартиб даровардани буҷа ва пайдо кардани манбаи нави даромад вақти муносиб аст. Эҳтимол пешниҳоди судманд ё даромади ғайричашмдошт ба даст оред.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ҳафтаи нав барои ҷадиҳо давраи нерумандӣ ва пешрафт мешавад. Эҳсоси қувваю ғайрат зиёд гардида, барои оғози корҳои нав имконият фароҳам меояд. Дар муносибатҳои шахсӣ ташаббус нишон диҳед ва бо шахси дӯстдошта нақшаҳои муштарак тартиб диҳед.



Далв
21.01 - 19.02

Ин ҳафта далвҳо бештар ба оромӣ ва танҳоӣ ниёз пайдо мекунанд. Вақти муносиб аст, ки корҳои нотамомро ба анҷом расонед ва аз серкорихои рӯзмарра каме дур шавед. Барои мучаррадҳо бехтар аст ҳоло ба чустучӯи муносибатҳои нав шитоб накунанд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Эҳтимол яке аз орзуҳои деринаатон амалӣ гардад. Дар муносибатҳои шахсӣ дӯстӣ ва шавқу манфиатҳои муштарак аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Мучаррадҳо метавонанд дар байни дӯстони худ шахси муносиб пайдо кунанд.

ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ БО ОРМОНИ ШӮРАВӢ ЗИСТАН МАЪНӢ НАДОРАД

(Аввалаш дар саҳ. 9)



Абдухолиқи Набавӣ бо Абдунабӣ Сатторзода

Агар нависанда аз нақд баҳои дуруст нагирад, на ҳамеша метавонад ҷойгоҳи воқеии асарашро бишносад.

- Чанд рӯз пеш дар шабакаҳои иҷтимоӣ пешниҳоди адабиётшинос Абдуҷалили Амон нашр шуд, ки дар он масъалаи роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти илмӣ ба миён гузошта шудааст. Он ҷо ба роҳбарияти Академияи миллии илмҳо муроҷиат шудааст, ки ду мактаби илмӣ ба вуҷуд ояд ва устод Абдунабӣ Сатторзода ҳамчун пажӯҳишгари адабиёти классикӣ ва Шумо ҳамчун муҳаққиқи адабиёти муосир ба он роҳбарӣ кунед. Ба ин пешниҳод чӣ назар доред?

- Назари ман мусбат аст. Аммо на ба он хотир, ки дар он пешниҳод номи маро гирифтааст. Масъалаи асосӣ номи ман ё шахси дигар нест. Муҳим худи масъала аст. Ба назари ман, дар илми мо воқеан шахс ё ниҳоде лозим аст, ки ба қавли русҳо кори координатсия, яъне ҳамоҳангсозиро анҷом диҳад. Шахсе, ки вазъу ҳолати илмро донад, масъалаҳои муҳимро ташхис диҳад, муҳаққиқонро бишиносад, аз имкониятҳои онҳо огоҳ бошад, олимони ҷавонро тарбия кунад ва ба корҳои илмӣ самти дурустро муайян кунад.

Раҳнамоии илмӣ фақат аз он иборат нест, ки ба як муҳаққиқ мавзуъ диҳед ё рисолаи ӯро хонеду роҳнамоӣ кунед. Бояд чараёни илмиро шиносед, масъалаҳои асосӣ ва ҳалталабро муайян кунед, муҳаққиқонро ба самтҳои муҳим раҳнамоӣ намоед.

Абдуҷалил аз таҷрибаи Эрону Олмон мисол овардааст. Ба назари ман, дуруст мегӯяд. Масалан, Алӣ Акбари Деҳхудоро гирем. Ӯ танҳо кор намекард. Андешаҳои нав ба миён мегузошт, роҳбарӣ мекард ва кори дигаронро низ ба як ҳадафи бузурги илмӣ муттаҳид ва равона менамуд. Натиҷаашро ҳама медонем. Мо ҳам ба чунин муносибат ниёз дорем. Муҳим нест, ки ин корро кӣ ба уҳда мегирад ва ё иҷро мекунад. Худ масъала муҳим аст.

- Имрӯз мунаққидони фаъол дорем?

- Мунаққидони хуб ҳастанд. Масалан, Матлубаи Мирзоюнус, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Рустами Ваҳҳоб, Ҳафиз Раҳмон, Нуралии Нурзод, Муҳриддин Сабурӣ, Марзбоналӣ Қурбонзода ва дигарон. Вале мунаққиди фаъол кам дорем. Дар «Адабиёт ва санъат» ё «Садои Шарқ» бояд дар ҳар шумора нақд ё тақриз нашр шавад. Агар нақд набошад, адабиёт ба боғи бепарастор монанд мешавад. Боғбон бояд шохаҳои нолозимро бибурад, дарахтонро нигоҳубин кунад, то боғ сермева шавад. Нақди адабӣ низ ҳамин вазифаро дорад.

НИГОҲИ НАВ БА АДАБИЁТ

- Устод, дар панҷоҳ соли охир адабиёти ҷаҳон таҳаввулоти бузургро аз сар гузаронд. Равияҳои нав, аз ҷумла реализми ҷодуӣ, сюррреализм, модернизм, постмодернизм ва шаклҳои гуногуни таҷрибаҳои адабӣ густариш ёфтанд. Чаро адабиёти муосири тоҷик дар ин самт камтар таҷриба мекунад? Оё мо мунаққидоне дорем, ки моҳияти ин равияҳоро дарк карда, асарҳои дар чунин сабкҳо эҷодшударо таҳлил ва арзёбӣ карда тавонанд?

- Ман ҳанӯз соли 1987 мақолае бо номи «Умеду ояндаи наср» навишта будам. Дар он аз эҷодиёти Баҳманёр, Сайф Раҳимзод, Муаззама ва Муҳаммадзамони Солеҳ сухан мерафт. Инҳо адабиёти ҷаҳонро омӯхтанд ва кӯшиш карданд, ки роҳҳои нави тасвири бадеиро пайдо кунанд. Баҳманёр фолклор ва насри ривоятии моро хуб медонист. Дар осораш ҳачв, шеърият, унсурҳои ҷодуӣ ва афсонавӣ ба низоми муайяни бадеӣ муттаҳид шудаанд. Сабки ӯро метавон ба реализми ҷодуӣ наздик донист. Сайф Раҳимзод бошад, ба сюррреализм, яъне фаровоқеиятгароӣ майл дошт. Ӯ мехост ба олами ботинии инсон ворид шавад. Муаззама дар тасвиргарӣ маҳорати хос дошт. Муҳаммадзамони Солеҳ низ дар офаридани образҳои таърихӣ соҳибистеъдод буд. Имрӯз ҳам нависандагони хуб дорем. Вазифаи мунаққидон аст, ки осори онҳоро таҳлил ва арзёбӣ кунанд.

Барои мисол, «Оташ дар хонаи қадим»-ро гирем. Дар ин асар вусъати ҳамосавӣ ё эпизм вуҷуд дорад. Инқилоб, ҷанг, ормонҳо, сарнавишти инсонҳо ва ҳодисаҳои воқеии таърихӣ мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор гирифтаанд, тасвир вусъати замонию маконӣ ва равонӣ пайдо мекунад. Ё «Нони шарикӣ». Дар чунин асарҳо танҳо нақли воқеа муҳим нест. Муаллиф мехоҳад ба гузашта аз мавқеи имрӯза назар кунад ва дар бораи таҷрибаи таърихии ҷомеа андеша намояд.

Паёми асосӣ ин аст, ки мо нисбат ба гузашта носипос нестем. Вале оё метавон ҳамеша бо ҳамон ормонҳои пешина зиндагӣ кард? Оё он сохтор танҳо дастовард дошт ва ҳеҷ камбудӣ надошт? Албатта, камбудиҳо ҳам дошт. Мо бояд аз таърих сабақ гирем. Агар ҳамеша бо орзуву таманноҳои замони шӯравӣ зиндагӣ кунем, ба кучо мерасем?

Бояд коре кунем, ки камбудиҳои гузашта дар ҷомеа такрор нашаванд. Ба назари ман, чунин масъалаҳо барои давраи истиқлоли мо бисёр муҳиманд. Адабиёт бояд таҷрибаи таърихиро таҳқиқи бадеӣ кунад, то инсон ва ҷомеа аз он сабақ гиранд.

- Вале ҷолиб аст, ки баъзе намояндагони насли Шумо "Нони шарикӣ"-ро интиқод карданд. Онҳое, ки то имрӯз ба ормонҳои замони шӯравӣ содиқ мондаанд. Шумо ба ин падида чӣ назар доред?

- Ба назари ман, ин кор маънӣ надорад. Мо нисбат ба гузашта носипос нестем. Замони шӯравӣ дар зиндагии мо марҳалаи муҳим буд. Илму маориф инкишоф ёфт, муассисаҳои фарҳангӣ ба вуҷуд омаданд. Вале он давра бе камбудӣ ҳам набуд.

Бо ормонҳои шӯравӣ зиндагӣ кардан ва ҳамеша барои бозгашт ба он давра ҳасрат хӯрдан, ба назари ман, як навъ инкори истиқлол аст.

Истиқлол, бо тамоми дастовардҳо ва мушкилоте, ки дорад, бузургтарин сарвати таърихии миллати мо мебошад.

Намешавад, ки дар давраи истиқлол зиндагӣ кунем, аз имкониятҳои он истифода барем ва ҳамзамон танҳо гузаштаро васф намоем. Мо бояд дар бораи оянда фикр кунем.

Ҳатто баъзе мунаққидон ҳанӯз бо меъёрҳои шӯравӣ мақола менависанд. Масалан, эрод мегиранд, ки чаро устод Айниро инқилобӣ нагуфтай? Ман мегӯям, ки Айнӣ ба он маъное, ки мафкураи шӯравӣ аз ӯ сохта буд, инқилобии сирф набуд. Вай рӯшанфикри ислоҳотхоҳ ва рӯшангари афкори миллат буд. Айнӣ мехост миллатро бедор кунад ва барои худшиносии он замина фароҳам оварад.

АЗ САРНАВИШТИ ХУД НОРОЗӢ НЕСТАМ

- Устод, дар поёни суҳбат мехоҳам ба саволи аввал баргардем. Дар остонаи 80-солагӣ аз сарнавишти худ розӣ ҳастед?

- Чаро розӣ набошам? Албатта, сарнавишт танҳо дар дасти мо нест. Вале то андозае дар дасти худи мо ҳам ҳаст. Мо ҳам як бачаи кӯҳистонӣ будем. Аз деҳаи хурд баромадем, таҳсил кардем, ба кор машғул шудем, хонаву дар пайдо кардем, соҳиби фарзанду набера ва абераҳо шудем. Як-ду чиз ҳам навиштем. Ҳамин будагист зиндагӣ.

Ман дар бораи арзиши асарҳои худ чизе намегӯям. Ба онҳо дигарон бояд баҳо диҳанд. Вале аз зиндагии хеш норозӣ нестам.

Мусоҳиб Одил НОЗИР

МАВЛУДНОМА

19 НОЯБР

Юрий Лядов (1941-1982), 85-солагии зодрӯзи оҳангсоз, мутриб.

Сабоҳат Қосимова (1951-2023), 75-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

20 НОЯБР

Абдумалик Зуҳурӣ (1951), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Мӯсо Каримов (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Абдухолиқ Набавӣ (Набиев) (1946), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Сафаралӣ Наҷмиддинов (1951), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

21 НОЯБР

Камолиддин Аҳмадов (1926-1988), 100-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

Шогунӣ Назрӣ (1951-2008), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Бозоралӣ Одинаев (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

22 НОЯБР

Дмитрий Кочетов (1911-1992), 115-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Евгений Ивашкин-Прокофев (1906-1977), 120-солагии зодрӯзи вокалист, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

23 НОЯБР

Ҷамбул Ёрматова (1906-1992), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ.

Николай Кравченко (1921-1987), 105-солагии зодрӯзи ҳайкалтарош.

Абдураҳмон Нуров (1956), 70-солагии зодрӯзи сароянда.

24 НОЯБР

Фарҳод Мирахмедов (1966), 60-солагии зодрӯзи фарҳангшинос.

Абдуқодир Муҳиддинов (1891-1937), 135-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Фёдр Чернишев (1906-1914), 180-солагии зодрӯзи геологи рус, муҳаққиқи канданиҳои фоиданоки Осиёи Миёна.

25 НОЯБР

Ғиёсиддин Қодиров (1941-2024), 85-солагии зодрӯзи шарқшинос.

Сӯҳроб Рустамов (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Нуриддин Саид (Саидов) (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

ЭЪЛОНҲОИ ГУНОГУН

МЕФУРӮШАМ

Пианинои нави олмонӣ (Zimmermann ва Petrof)-ро мефурӯшам . Тел. 915-99-33-30

Таъмири яхдон бо кафолат. Тел. 919-03-07-78, 934-65-89-54

МУРАББӢ

Дар хонаи худ кӯдаконро нигоҳубин мекунам. Суроға: шаҳри Душанбе, маҳаллаи 46-ум. Барои маълумоти бештар занг занед: 987-18-03-94

ХОНАИ ФУРӮШӢ

МЕФУРӮШАМ

3 хона, ошёнаи 8, кӯчаи Деҳлавӣ, ноҳияи Шоҳмансур (назди бозор, зелёный пешина) бинои навсохт, бо таъмир, 109 квадрат нархаш 1 350 000 сомонӣ. Тел. 90-013-05-72

ТАЪМИРИ ХОНА

Устои таъмири аврупоӣ, таъмири пурра ва қисман, устои хона. Тел. 873-44-44-29

Устои таъмири аврупоӣ, таъмири пурра ва қисман, устои хона. Тел. 989-35-80-80

МЕХАРАМ

Мехарам: зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй ва дарздузӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел. 919-29-00-07, 003-777-001

Фляга, курпача, қолин, медал, нишон, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, оташдони чуянӣ, тангаҳо, мошинаи ҷомашӯй ва дарздузӣ, баллони газ, тачҳизоти даврони шӯравӣ ҳайкалчаҳо, оҳан, коғаз. Тел. 988-33-73-61, 905-98-77-88

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0268376 ба номи Қаландарова Маҳина Бахтиёровна, ки соли 2016, аз ҷониби МТМУ №28 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯ ва дафтарчаи имтиҳонот ба номи Сайволиддини Сикандар, ки соли 2022 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти литери 4А1/хх, таҳти феҳристи №5-2986, аз 22.11.2024, ба номи Умарова Дилноза Иминжоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Деҳқонобод-3, хонаи 68,68/1,82, ки дар нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯ ба номи Абдуллаев Каъбатулло, ки аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2025 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Дипломи 107705 1637980, рақами қайд №9028, ба номи Фаёзов Хушнуд Ахмадович, ки санаи 27.05.2020 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Киромов Қаюмарс Қамарович ҶДММ "Вип Строй", ш. Душанбе, н. И.Сомонӣ, к. М.Қурбонов 25, ҳуҷраи 19-20, санаи 28.09.2026, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Ҳамидова Саодат Нарзуллаевна ва Ҳамидова Малика Рустамовна, ш. Душанбе, бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев, хонаи 63/3Б ҳ. 40, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №18-2669, аз 15.08.2023, ба номи Ниёзов Нишон Соҳибович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак, хонаи 199, ки дар нотариуси давлатии идораи давлати нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шартномаи саҳмгузорӣ барои сохтани бинои истиқоматии бисёрошёнадор №152 аз санаи 12.03.2024 байни ҶДММ "Закия" ва Хуҷаев Муҳамад Бегназарович, маркази савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаи якум ва таваққуфгоҳи зеризаминӣ дар таҳхонаи он бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н.Қарабоев 17, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №137135, аз 28.02.2025, ба номи Умарова Дилноза Иминжоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Деҳқонобод-3, хонаи 68,68/1,82, КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ш. Душанбе, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Умарова Дилноза Иминжоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Деҳқонобод-3, хонаи 68/2, санаи 11.03.2025, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Муродбеки Ғиёс" РЯМ 0710013334, РМА 070020438, санаи таъсис 24.05.2025 барҳам мехӯрад, ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ «ОРЗУИ КУДАКОН», РМА: 180017977, РЯМ: 1810010171, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ «НУРИ ЗАРИФ», РМА: 020063578, РЯМ: 0210037044, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Агросодирот", РЯМ 0710012124, РМА 070012124 санаи таъсис 06.09.2023 барҳам мехӯрад, ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Кооперативи тичоратии Зайдулло, РЯМ 3310003666 Вокеъ дар н. Ч. Балхи карор дорад бархам мехурад, хама арзу шикоятхо дар давоми 2 мох кабул карда мешаванд.

Мехарам: зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯй ва дарздузӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел. 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33



ТОҶИРИ ЭРОНИРО БАРОИ ШАБОҲАТАШ БА НЕТАНЯҲУ “ТАҲРИМ” КАРДАНД

Як тоҷири эронӣ, ки чеҳрааш ба Бенямин Нетаняҳу, нахуствазири Исроил, шабоҳат дорад, дар шабакаҳои иҷтимоӣ шуҳрат пайдо кардааст. Бархе корбарон танҳо ба хотири монандии зоҳирии ӯ ба Нетаняҳу аз мардум даъват кардаанд, ки маҳсулоти ин тоҷирро нахаранд.

Ин мард, ки ба фурӯши меваҳои хушк, аз ҷумла хурмо, мағз ва ширинихо машғул аст, пас аз паҳн шудани навори кӯтоҳе аз мағозааш мавриди таваҷҷуҳи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ қарор гирифтааст.

Дар навори тақрибан нуҳсонияғӣ тоҷир пушти тарозу нишастааст. Корбарон чеҳра, мӯй ва ҳатто ҳаракатҳои ӯро ба нахуствазири Исроил монанд дониста, шарҳҳои гуногун навиштаанд.

Бархе аз онҳо бо норозигӣ даъват кардаанд, ки аз ин мард чизе нахаранд. Гурӯҳи дигар ба ҳодиса бо ҳазлу шӯхӣ муносибат намуда, навиштаанд, ки тоҷир танҳо барои монанд буданаш ба сиёсатмадори исроилӣ «таҳрим» шудааст.

Ин навор дар расонаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Kurdia News, Israel Hayom, Haberler ва Khaama Press низ бозтоб ёфтааст. Шабакаи телевизионии «Ал-Ҷазира» 14-уми ноябри соли 2026 дар ин бора гузориши видеоӣ нашр кардааст.

Ҳарчанд дар шабакаҳои иҷтимоӣ даъватҳо барои нахаридани маҳсулоти ин тоҷир садо додаанд, маълум нест, ки ин маърака воқеан ба савдои ӯ таъсир расонидааст ё не.

Ба ин тартиб, як тоҷири одии эронӣ бе он ки ба сиёсат иртиботе дошта бошад, танҳо ба сабаби шабоҳати зоҳириаш ба Нетаняҳу дар маркази таваҷҷуҳи расонаҳо қарор гирифтааст.

Нӯшин БОҚИЗОДА

PRESSA.TJ ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ФУТБОЛ

ТОҶИКИСТОН ДАР KING’S CUP 2026 НОКОМ ШУД

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон бо роҳбари сармураббӣ Игор Ангеловский дар мавсими 52-юми мусобиқаи байналмилалии King’s Cup 2026 ширкат кард.



Шогирдони Ангеловский бо пирӯзӣ бар тими миллии Уммон бо ҳисоби 1:0 дар бозии ниманиҳоӣ ба финали мусобиқа роҳ ёфтанд. Голи ин бозиро Шериддин Бобоев аз пеналтӣ зад. Дар бозии дигари ниманиҳоӣ Тайланд бар Бруней ғолиб омад.

Дар финали мусобиқаи байналмилалии «King’s Cup 2026» дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон ва Тайланд бозӣ карданд. Вохӯрӣ дар ҳузури 17 426 тамошобин баргузор шуда, бо ҳисоби 3:0 ба суди тими мизбон анҷом ёфт. Аз ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон Нозим Бобоҷонов дар дақиқаи 38-ум корти сурх гирифт.

Қаблан, дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Петр Сегрт барандаи мавсими 48-уми «King's Cup 2022» дар Тайланд шуда буд.

ҶУДО

БА ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР ZAGREB GRAND PRIX 2026 РАВОДИД НАДОДАНД

Аз 13 то 15-уми ноябр дар Хорватия «Zagreb Grand Prix 2026» баргузор шуд, ки дар он 462 варзишгар аз 66 кишвар ширкат карданд, аммо паҳлавонони тоҷик роҳ наёфтанд.

Тибқи маълумоти аввалия аз Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF), дастаи мунтахаби Тоҷикистон нақша дошт, ки ҳайати қавии иборат аз 11 варзишгар дар ҳафт вазн дар ин мусобиқа ширкат кунад, аммо, сафар ба сабаби мушкилот дар гирифтани раводид сурат нагирифт. Мақомоти Хорватия ба аъзои дастаи мунтахаби Тоҷикистон раводид надоданд ва ин амали худро шарҳу тавзеҳ ҳам надоданд.

Намояндагони Тоҷикистон дар солҳои 2024 ва 2025 низ дар ин мусобиқа, ки дар пойтахти Хорватия баргузор мешавад, ширкат накарда буданд ва акнун мусобиқаи соли 2026 низ ба ин рӯйхат илова гардид. Бори охир дастаи мунтахаби кишвар дар Zagreb Grand Prix соли 2023 намояндагӣ дошт. Дар он мусобиқа ду варзишгар ба майдон баромаданд. Инҳо Обид Ҷебов дар вазни то 66 кг ва Ҷаҳонгир Маҷидов



дар вазни то 90 кг буданд, ки ҳарду мусобиқаро бидуни ба даст овардани нишон ба анҷом расониданд.

ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН-2026

ТОҶИКИСТОН БО КУБА, ХОРВАТИЯ ВА СЕНАГЕЛ БОЗӢ МЕКУНАД

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-17) дар шаҳри Давҳаи Қатар дар Чемпионати ҷаҳон-2026 иштирок мекунад.

Дар марҳилаи гурӯҳӣ дастаи Тоҷикистон дар гурӯҳи «F» бо дастаҳои мунтахаби Куба рӯзи 20-уми ноябр), Хорватия 23-юми ноябр ва Сенагал 26-уми ноябр бозӣ хоҳад кард.

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) таҳти роҳбарии сармураббӣ Игор Суров бо мақсади омодагӣ ба ин мусобиқа дар Дубай ҷамъомади таълимӣ-тамринӣ ва бозиҳои санҷишӣ гузаронд.

Дар доираи омодагӣ футболбозони тоҷик се бозии санҷишӣ анҷом доданд. Дар бозии аввал дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо тими Кот-д’Ивуар мусовӣ (1:1) кард. Сипас бар тими Фичӣ бо ҳисоби бузурги 5:1 пирӯз шуд. Дар бозии охирин бошад, аз мунтахаби Танзания бо ҳисоби 0:1 мағлуб гардид. Ҳар се вохӯрӣ дар варзишгоҳи «Al Hamriyah Cultural and Sports Club» баргузор шуданд.



БОКС

ШИКАСТИ МУҲАММАД ЯҚУБОВ ДАР WBC USA

Муштзани тоҷик Муҳаммад Яқубов дар фаъолияти касбии худ дуюмин шикасташро тақриба кард. Ӯ дар як рақобати даҳраунда барои камарбанди WBC USA дар вазни 58,97 кг аз Эрденебат Сендбаатари муғул мағлуб шуд.

Ин мубориза дар иёлоти Техаси ИМА баргузор гардид ва бо қарори якдилонаи доварон ба нафъи муштзани муғул анҷом ёфт. Ҳар се довар бо ҳисобҳои 98–91, 98–91 ва 99–90 ғалабаро ба Сендбаатар доданд.

Сендбаатар қаблан дар бокси ҳаваскорон бомуваффақият баромад карда, Муғулистонро дар Бозиҳои олимпии солҳои 2016 ва 2020 намояндагӣ карда, соли 2018 қаҳрамони Бозиҳои Осиё шуда буд. Пас аз пирӯзӣ бар Ёқубов рекорди касбии ӯ 16 пирӯзӣ бидуни бохт шуд.

Муштзани тоҷик дар навбати худ то вохӯрӣ бо муғул 23 пирӯзӣ, як шикаст ва як мусовӣ дошт. Қаблан ӯ танҳо аз О'Шакӣ Фостери амрикоӣ мағлуб шуда буд.



РЕЗААХБОР



Дастаи «Ҳулбук»-и Восеъ таҳти роҳбарии Маҳмадҷон Ҳабибуллоев ғолиби чемпионати Тоҷикистон-2026 миёни дастаҳои Лигаи якум шуда, роҳхати Лигаи олиро ба даст оварда. «Ҳулбук» дар 28 бозӣ 20 пирӯзӣ ба даст оварда, 7 бозиро мусовӣ анҷом дод ва ҳамагӣ дар як дидор мағлуб шуд, ки 67 имтиёз дорад. Ҷойи дуюмро «Саройкамар»-и Панҷ гирифт. И даста дар бозиҳои гузаришӣ бо дастаи 11-уми Лигаи олӣ бозӣ мекунад.

***

Дастаи мунтахаби ҷавонони футболбози Тоҷикистон иштирокашро дар мусобиқаи байналмилалии «Panda Cup International Youth Football Tournament Chengdu 2026», ки дар шаҳри Чэндуи Чин баргузор шуд, бо се мусовӣ ҷамъбаст кард. Ҷавонони Тоҷикистон (U-17) дар бозӣ бо дастаҳои мунтахаби Куриёи Ҷанубӣ ва Чин бо ҳисоби 1:1 ва дар бозии охир бо Вйетнам 2:2 карданд.

***

Ҷудокори 29-сола Темур Раҳимов пас аз 4 моҳи муҷозот тамринҳоро дар ҳайати дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон расман оғоз кардааст. Чанде пеш комиссияи интизомии Федератсияи ҷудои Тоҷикистон Темур Раҳимовро бо 6 паҳлавони дигар барои 4 моҳ аз ширкат дар тамоми мусобиқаҳо маҳрум карда буд. Сабаби ин қарор “вайрон кардани интизоми касбӣ, сарпечӣ ва ҳозир нашудан”-и онҳо ба 3 давраи ҷамъомади таълимиву тамринии дастаҷамъона зери роҳнамоии мураббиҳои нав буд.

***

Тибқи натиҷаҳои марҳилаи гурӯҳӣ дастаҳои мунтахаби Фаронса, Белгия, Олмон, Нидерланд, Англия, Испания, Норвегия ва Португалия муборизаро барои ба даст овардани унвони қаҳрамонӣ дар Лигаи миллатҳои Аврупо идома медиҳанд. Қуръакашии марҳилаи чаҳорякниҳоӣ рӯзи ҷумъа, 20-уми ноябр, баргузор мешавад. Бозиҳои аввали ин марҳила рӯзҳои 25-27 марти соли 2027 ва вохӯриҳои ҷавобӣ рӯзҳои 28-30 март доир мешаванд.

АРЧА

Профессор Рамазониён (ном тағйир дода шудааст), ки дар Институти Х фаъолият мекунад, ба наздикӣ 80 - сола шуд. Ҳамкорон, дӯстон ва шогирдон интизор буданд, ки ба ин муносибат зиёфати хос ороста мешавад, вале ҳамчун коммунисти содиқ, шаҳрванди таслими қонун ва пайрави сиёсати партияву ҳукумат «қонуни танзим ҷашн гирифтани зодрӯзро манъ кардааст» гуфта, Рамазониён аз тачлили санаи мубораки умраш даст кашид. Ҳатто рӯзе, ки бахшида ба мавлудаш Иттифоқи касабаи институт як телевизор хариду директор ба ӯ ҷома пӯшонид ва ҳамкорон пул ҷамъ карда, дар лифофа ҳадя карданд, Рамазониён онҳоро ҳатто ба «Оши амма», ки дар рӯ ба рӯйи институт қарор дошт ва оши сисомонааш серхаридор буд, низ даъват накард...

Ходимони раёсат ва шуъбаҳои дигар умедашонро аз зиёфати Рамазониён канда бошанд ҳам, ҳамкорон аз шуъбаи худаш ҳанӯз умедвор буданд. Рӯзи дигар профессор Сайфиддинзода, ки як сол қабл 80 - солагиашро бо дабдаба ҷашн гирифта буд ва дар зиёфати ӯ Рамазониён аз бари боло менишаст, тоқаташ ба сар омаду гуфт:

- Ин хел намешавад, наход одам ҳамин қадар беҳиммат шавад, ки зодрӯзашро хапу дам ҷашн гирад. Имрӯз якҷоя ба тарабхона меравем, маблағи дастурхонро тақсим мекунем ё ман медиҳам...

Рамазониён илоҷи дигар надошт, ҷуз ин ки дӯстонро ба зиёфат чеғ занад. Бинобар ин гуфт:

- Не, домулло, гап дар пул не, қонуни танзим...

- Қонуни танзим ба зихнаҳо дастак шуд...

- Устод, ин тавр нагӯед... - ва ноилоҷ пешниҳод кард: - Набошад, имрӯз ман, шумо... - номи се нафари дигарро илова кард, - нисфирӯзӣ ба тарабхонаи «Баҳор» меравем.

Иттифоқан, аспиранти Рамазониён аз ноҳия ҳамон рӯз назди устодаш омада буд. Вай дар яке аз коллеҷҳои омӯзгории ноҳия фаъолият дошт ва таҳти роҳбарии Рамазониён рисолаи номзадӣ менавишт. Устод маҷбур шуд, ки нӯгизабонӣ номи вайро ҳам ба рӯйихати меҳмононаш



ворид кунад.

- Устод, ман чӣ хизмат кунам? - аз ҷой хеста, даст пеши бар гирифт шогирд.

Рамазониён гуфт:

- Ту рафта, то нисфирӯзӣ ду «Арча» гирифта биё, тамом!

- Хуб шудааст, устод, - гуфт шогирду аз дар баромад.

Соат ба 12 наздик мешуд, вале аз шогирд хату хабар нашуд. Тоқати Сайфиддинзода тоқ шуда, ба Рамазонзода гуфт:

- Вай шогирдат бедарак шуд, бехтараш аз худи тарабхона арақ мегирем, рафтем.

Рамазониён бошад, «Аракҳои он ҷо қалбакӣ, бехтарин арақ «Арча» аст, ҳозир шогирд меорад» гуфта, ҳамкоронро то соати 12:30 нигоҳ дошт. Чун шогирд наомад, умедашро канду меҳмононро ҳамроҳ гирифта, ба тарабхона рафт...

Хӯрданд, нӯшиданд, аз хадамоти илмии профессор Рамазониён дар рушди илм нӯшбод гуфтанд ва зиёфати шоҳонаро бо як чойник чойи кабуди талх ҷамъбаст карда, соатҳои 15:30 ба институт баргаштанд.

Чун ба институт расиданд, ду ниҳоли арчаи чавон, ки дар ду тарафи дари шуъба меистод, панҷ олими ширакайфро бештар ба ҳайрат гузошт.

- Чӣ гап бошад?

- Инҳоро кӣ оварда бошад?

- Чаро арчаро ин ҷо монда бошанд?

Ғур - ғур мекарданд онҳо ва қоматашонро росту чеҳраашонро бештар ҷиддӣ мекарданд, ки касе аз нӯшиданашон хабардор нашавад.

Чун дари шуъбаро кушоданд, аспиранти аз ноҳия омада аз ҷой хеста, гунаҳгорона гуфт:

- Устоди азиз, бубахшед, аввал ба бозори «Мехргон» рафтам, арча набудааст, инҳоро рафта аз «Саховат» овардам, ки шумо рафтаед, - ва ба арчаҳое, ки дар берун буданд, ишора кард.

Маълум шуд, ки шогирд намедонистааст, ки «Арча» номи шароб аст ва хаёл кардааст, ки ба устодаш ниҳоли арча лозим бошад.

Сайфиддинзода ва ҳамроҳон худашонро дошта натавониста, инони хандаро сар доданд. Рамазонзониён якбора асабӣ шуд ва чӣ гуфтанашро надонист. Шогирд ҳайрон буд. Хост, ки аз вазъият берун шавад. Пурсид:

- Устод, ин арчаҳоро ба кучо барам?

- Ба сари қабри ман, - ба зарда гуфт Рамазониён...

Ҳоло ду ниҳоли арча дар саҳни Институти Х ҳамчун нишон аз мавлуди профессор Рамазониён ба воя мерасанд ва ин аспирантро, ки ба наздикӣ рисолаашро дифоъ мекунад, ҳама Арчабой мегӯянд...

О. НОЗИР

НИМКАР

Беморе ба дармонгоҳ омада, ба духтури гӯш муроҷиат менамояд:

- Духтурҷон, ёрӣ диҳед, гӯшам нимкар шудааст.

- Укоҷон, одам нимкар намешавад: ё тамоман кар мешавад, ё умуман кар намешавад.

- Бовар накунед, санҷида бинед, - илтимос кард бемор.

Духтур ба гӯшаи кабинет рафта, бо овози паст гуфт:

- Ҳаққи хизмат 100 сомонӣ...

Бемор:

- Дидед, ман ҳамагӣ 50 сомонӣ шунидам.

САМБӮСА

Марде самбӯса мефурухт. Харидоре як дона харида газиду доду вояш баланд шуд:

-Чаро дар даруни самбӯсаи шумо ришта аст?

Самбӯсафурӯш гуфт:

-Шумо бо 1 сомонӣ мехоҳед аз даруни самбӯса қолин барояд?

ТАҚДИР

Пули 500 сомонӣ мурдасту дар дӯзах ҷояш кардаанд. Бинад, тангаҳои 5, 10, 20, 50-дирамаю якто 1-сомона ҳам дар Биҳишт мегарданд.

500 сомонӣ аз 1 сомонӣ мепурсад:

- Ин чӣ хел шуд, ки шумо ҳамаатон дар Ҷаннат ҷой ёфтеду ман дар дӯзах?

1 сомонӣ чавоб медиҳад:

- Оё ягон бор ба масчид рафта будӣ? Ягон бор дасти ягон беваю бечора, камбағалу гадоба афтидӣ-мӣ?

- Не, - посух медиҳад 500 сомонӣ.

Як сомонӣ ором мегӯяд:

-Хайр акнун ба тақдират тан дех, ҷӯра!

ФИТНА

Зане назди духтур барои муоина меравад. Духтур мегӯяд:

- Дил, шуш, гурда ва меъдаи шумо солим аст. Ҳоло бигзоред ҷоеро муоина кунам, ки фитна ба олам зада, дунёро ба оташ кашонидааст.

Зан ҳамин, ки домани худро боло мекард, духтур гуфт:

- Чӣ кор мекунӣ? Ман забонатро дар назар доштам...

ФАЪОЛИЯТ

Корманд назди раиси идора рафта мегӯяд:

- Ин моҳонае, ки ба ман медиҳед, хеле кам аст. Ман 12 то фарзанд дорам.

Раис дар ҷавоб мегӯяд:

- Ин моҳонае, ки мегирӣ, ба хотири фаъолиятат дар идора аст, на ба хотири фаъолиятат дар рахти хоб!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

